*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ: 9(581)
ТКБ: 63.3(3)
Б-33

**БАҲОДУРОВ БЕҲРӮЗ ФАЙЗУЛЛОЕВИЧ**

# МАСЪАЛАҲОИ НАВСОЗИИ ҲАЁТИ ИҶТИМОӢ-СИЁСИИ АФҒОНИСТОН ДАР СОЛҲОИ 1933-1973

Ихтисос: 07.00.03 – Таърихи умумӣ

**АВТОРЕФЕРАТИ**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои таърих

Бохтар - 2021

Диссертатсия дар кафедраи таърихи умумии муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» омода гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Искандаров Қосимшо** - доктори илмҳои таърих

**Муқарризони расмӣ:** **Латифов Ҷура Латифович** - доктори илмҳои таърих, профессори кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДМТ
**Ҳаким Абдулло Раҳнамо** - номзади илмҳои сиёсӣ, мудири шуъбаи робитаҳои адабии хориҷии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон Ғафуров"

Ҳимояи диссертатсия рӯзи "24" сентябри 2021, соати $13^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-030 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия дар китобхонаи илмии марказии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишонии 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17 ва сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «__ »_____________соли 2021 фиристода шуд.

Котиби илмии
шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент **Раҷабов И.Ш.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯи таҳқиқот.** Дар тӯли асри XX ва ибтидои асри XXI Афғонистон чанд марҳилаи навсозӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти бунёдии тамоми соҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангиро аз сар гузаронида аст, вале новобаста аз имкониятҳои васеи сиёсӣ ва фарҳангию маънавӣ бештари онҳо ноком анҷом ёфтанд. Афғонистон дар ин давраи сарнавиштсоз ба арсаи рақобатҳои сиёсӣ, низомӣ ва иқтисодии кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва қудратҳои бузурги ҷаҳон табдил ёфта, таҳти таъсири омилҳои дохилию берунӣ дар кишвар равандҳои мураккаб ва пурихтилоф ба амал омаданд, ки сабабгори ошӯбу қиёмҳои мусаллаҳона, табаддулотҳои давлатӣ ва инқилобҳо, ҷанги тӯлонии шаҳрвандӣ ва низоъҳои қавмӣ гардиданд.

Дар шароити имрӯзаи рушди босуръати равандҳои ҳамгироӣ ва ҷаҳонишавӣ аксарияти кишварҳои ҷаҳон ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаро омили муҳим ва муайянкунандаи таъмини рушди иҷтимоӣ-иҷтисодӣ, сиёсӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ медонанд ва дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ роҳи наздикшавӣ ва рушди ҳамкориҳои судмандро бо кишварҳои ҳамсоя, минтақа ва ҷаҳон пеш гирифтаанд.

Воқеаҳои фоҷиабори чор даҳсолаи охир – ҷанги тӯлонии шаҳрвандӣ, воруди қувваҳои низомии Иттиҳоди Шӯравӣ, ташкили низомҳои ноустувори низомӣ-сиёсӣ ва суқути онҳо, ба саҳнаи фаъолияти созмонҳои ифротӣ ва террористӣ табдил ёфтани Афғонистон, ба хоки кишвар ворид гардидани низомиёни Эътилофи байналмилалии зиддитеррористӣ бо сарварии ИМА ва шиддат гирифтани вазъияти низомӣ-сиёсӣ боиси рукуд ва фалаҷ гардидани иқтисоди кишвар, аз байн рафтани ниҳодҳои иқтисоди миллӣ, талафоти бешумори моддӣ ва маънавӣ, қурбонии оташи ҷанг гардидани аҳолии осоишта, фирори миллионҳо шаҳрвандони Афғонистон ба кишварҳои ҳамсоя ва давлатҳои дигар гардида аст.

Чунин вазъияти буҳронӣ дар шароите боқӣ мемонад, ки ҷомеаи инсонӣ ба марҳилаи пасосаноатии рушди худ расида, тамоми имкониятҳо ва дастовардҳои технологияҳои муосир, захираҳои моддӣ ва маънавиро ҷиҳати бартараф намудани оқибатҳои манфии раванди ҷаҳонишавӣ ва таъмини сатҳи баланди зиндагии аҳолӣ равона месозад. Оё Афғонистон метавонад аз марҳилаи тӯлонии буҳронӣ барояд, оё мардуми аз ҷанги хонумонсӯзи шаҳварандӣ азияткашида метавонад роҳи сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, созандагӣ ва бунёдкориро пеша намояд ва ба равандҳои ҷаҳони муосир созгор гардад?

Мушкилоти Афғонистони муосир натанҳо мушкилоти дохилии кишвар буда, балки инчунин ҷанбаи васеи байналмилалӣ дорад, зеро аз барқарор гардидани сулҳу субот дар Афғонистон амният ва суботи минтақа ва ҷаҳон вобастагии калон дорад. Хотима ёфтани ҷанг ва ба ҳаёти осоишта гузаштани мардум метавонад заминаро натанҳо барои рушди иқтисодии кишвар, балки рушди муносибатҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ бо кишварҳои ҷаҳон, бароҳандозии лоиҳаҳои калони нақлиётӣ, энергетикӣ ва зерсохтории иқтисоди минтақавӣ фароҳам созад.

Дар шароити имрӯза навсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва иҷтимоии Афғонистон аз якчанд ҷиҳат амри зарурӣ ва омили муҳимми таъмин ва боло

бурдани сатҳи зиндагии оммаҳои васеи аҳолӣ маҳсуб меёбад: зеро дар мадди аввал, дар ҷаҳони муосир равандҳои навсозии бунёдӣ тамоми кишварҳои тараққикунандаро фаро гирифтаанд; дуввум танҳо бо роҳи амалӣ намудани сиёсати ислоҳот ва навсозӣ Афғонистон метавонад иқтисоди миллии дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ харобгардидаро барқарор намояд ва ниҳоят ба муқобили терроризми байналмиллаӣ, кишти номаҳдуд ва кочоқи маводи мухаддир, бекорӣ ва муҳоҷирати аҳолии кишвар ба давлатҳои дигар мубориза барад.

Таҷрибаи таърихии навсозӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти бунёдӣ дар Афғонистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тӯли асри XX доираҳои ҳукмрони кишвар борҳо барномаҳои васеи дигаргунсозии ҳаёти иҷтимоиро тарҳрезӣ намуданд. Пас аз касби истиқлолият дар соли 1919 ҳукумати ҷавонафғонҳо кӯшиш намуд барномаи васеи дигаргун сохтани сохтори давлатдорӣ, аз байн бурдани боқимондаҳои низоми асримиёнагӣ ва таъмини босуръати рушди иқтисодӣ ва саноати муосирро ба роҳ монад. Дар даврони ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933 – 1973), бахусус пас аз хотима ёфтани Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ, дар солҳои 50 ва 60-уми асри гузашта ислоҳоти васеи моҳияти навсозии бунёдидошта ба амал бароварда шуданд. Дар охири солҳои 40-ум қадами аввал дар роҳи барпо намудани мақоми олии қонунгузори кишвар – парламент гузошта шуда, бори нахуст аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсию иҷтимоӣ дар маъракаи интихобот ширкат намуда, ба Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум роҳ ёфтанд.

Дар солҳои 50-ум, пас аз ба сари ҳукумат омадани Муҳаммад Довуд рушди иқтисодии кишвар аз тариқи амалӣ намудани нақшаҳои панҷсолаи тараққиёт оғоз ёфт, ки дар роҳи барпо намудани пойгоҳи устувори иқтисоди замонавӣ замина фароҳам овард. Дар солҳои 60-ум ва аввали 70-ум, пас аз қабули Қонуни асосии соли 1964 дар тамоми соҳаҳои низоми давлатӣ ва иҷтимоии Афғонистон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омада, низоми шоҳии машрута (монархияи конститутсионӣ) бар асоси меъёр ва арзишҳои муосир барпо карда шуд.

Пас аз соли 2001 дар марҳилаи сифатан нави ислоҳоти низоми давлатдорӣ, ба амал баровардани ислоҳот дар ҳаёти сиёсӣ, ташкили низоми бисёрҳизбӣ ва ҳукумати эътилофӣ бо иштироки намояндагони тамоми миллату халқиятҳои сокини кишвар, хотима додани ҷанг ва гузаштан ба ҳаёти осоишта, барқарор намудани иқтисоди кишвар ва эҳёи ниҳодҳои замонавии фарҳангӣ Афғонистон ба дастовардҳои калон ноил гардид. Аммо дар баробари ин, кишвар ҳанӯз бо хатарҳо ва таҳдидҳои моҳияти глобалидошта – терроризми байналмилалӣ, ифротгароӣ, фаъол гардидани ҷинояткории созмонёфта, кочоқи маводи мухаддир мувоҷеҳ аст. Ҷунбиши Толибон аз нав эҳё гардида, барои барқарор намудани хилофати исломӣ ва аз байн бурдани тамоми дастовардҳои 20 соли охир муборизаи мусаллаҳона ва амалҳои террористиро идома медиҳад.

Ҳалли мушкилот ва хатарҳои муосир танҳо бо роҳи идома додани равандҳои навсозӣ ва устувор намудани дастовардҳои ислоҳоти тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ имконпазир мебошанд. Ҳамин тавр, мавзӯи таҳқиқ ҳам аз нигоҳи илмӣ ва ҳам амалию сиёсӣ дорои аҳамияти калон мебошад. Аҳамияти омӯзиши мавзӯъ дар он ифода меёбад, ки: 1) Ба таври кофӣ таҳқиқ нашудааст; 2) кӯшиши навсозии ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ дар ҳар марҳила боиси зуҳури

эътирози табақаҳои муайяни ҷомеа гардиданд, ки сабабҳои асосӣ ва омилҳои чунин эътироз ва қиёмҳо ба таври зарурӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор нагирифта аст; 3) падидаи муқобилияти дарозмуддати навсозӣ ва суннатгароӣ дар Афғонистон ва таносуби омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба тадқиқоти ҷиддии илмӣ зарурат дорад; 4) муайян намудани дурнамои низоми муосири давлатдорӣ дар Афғонистон зарурати таҳлили таҷрибаи таърихии навсозӣ, муайян намудани хусусиятҳои хоси марҳилаҳои он, таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна ба равандҳои навсозӣ ва баррасии омилҳо ва сабабҳои нокомии равандҳоиислоҳот ва навсозӣ мубрамияти мавзӯъро тақвият медиҳад.

Рисолаи мазкур дар роҳи дарки дурусти моҳияти равандҳои навсозӣ дар давоми солҳои ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ гоми нахустин мебошад, ки дар ин давра Афғонистон аз кишвари дорои низоми асримиёнагӣ ба низоми монархияи подшоҳии дорои Қонуни асосии асрӣ, парламенти доимамалкунанда ва амалан системаи бисёрҳизбӣ табдил ёфта буд, мусоидат хоҳад намуд.

**Сатҳи омӯзиши мавзӯъ.** Бояд тазаккур намуд, ки ҷанбаҳои таърихии масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ дар таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор нагирифтаанд. Дуруст аст, ки баъзе паҳлӯҳо, масъалаҳо ва ҷанбаҳои гуногуни раванди ислоҳот дар марҳилаҳои алоҳидаи таърихи Афғонистон дар тӯли қарни XX дар таҳқиқоти олимони соҳахои мухталиф мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор гирифтанд, вале таҳқиқоти ҳамаҷониба ва махсус дар бораи раванди навсозӣ ва ислоҳот дар солҳои 1933–1973 ва сабабҳои нокомии он то ҳанӯз анҷом дода нашудааст.

Адабиёти мавҷударо, ки дар он то андозае масъалаҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон инъикос гардидаанд, метавон ба чор гурӯҳ ҷудо намуд:

**Ба гурӯҳи якум** осори муҳаққиқони шӯравӣ ва пасошӯравӣ шомил гардиданд. Муҳаққиқони машҳури афғоншинос Р.Т. Ахрамович, В. Басов, В.С. Бойко, А. Давидов, Н. Черняховская, В.Г. Коргун, В.М. Массон, В.А. Ромодин, И.М. Рейснер, С.А. Шумов, А.Р. Андреев, С.М. Акимбеков ва дигарон[1] дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба таърихи муосири Афғонистон дар бораи хусусиятҳои сиёсати дохилӣ ва берунии Афғонистон дар марҳилаи таҳқиқоти мазкур маълумот ва хулосаҳои илмии ҷолиб овардаанд.

Тамоюлҳои умумии рушд, масъалаҳо ва мушкилоти сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар кишварҳои тараққикунанда («ҷаҳони сеюм»), ки Афғонистон дар ни-

---

[1]Ниг.: Ахрамович, Р.Т. Исторический очерк //Современный Афганистан [Текст] /Р.Т. Ахрамович. - М.: Восточная литература, 1960; Боз ӯ. Афганистан после Второй мировой войны [Текст] /Р.Т. Ахрамович. - М.: Наука, 1961; Боз ӯ. Афганистан в 1961-1966 гг. [Текст] /Р.Т. Ахрамович. - М.: Наука, 1967; Боз ӯ. К характеристике общественных движений в Афганистане в 1947 – 1952 гг. //Сессия по вопросам истории и экономики Афганистана, Ирана и Турции (тезисы докладов) [Текст] /Р.Т. Ахрамович. - М.: АН СССР, 1962; Коргун, В.Г. Афганистан в 20-30-е годы XX в. Страницы политической истории [Текст] /В.Г. Коргун. - М.: Наука, 1979; Боз ӯ. Интеллигенция в политической жизни Афганистана [Текст] /В.Г. Коргун. - М.: Наука, 1983; Боз ӯ. История Афганистана. XX век [Текст] /В.Г. Коргун. - М.: Крафт+, 2004; Давыдов, А., Черняховская, Н. Афганистан [Текст] /А.Давыдов, Н. Черняховская. - М., 1973; Массон, В.М., Ромодин, В.А. История Афганистана. Т. II. Афганистан в новое время [Текст] /В.М. Массон, В.А. Ромодин. - М.: Наука, 1965; Рейснер, И.М. Афганистан [Текст] /И.М. Рейснер. - М.: Изд-во Комакадемии, 1929; Шумов, С.А., Андреев, А.Р. История Афганистана. Документальное исследование [Текст] /С.А. Шумов, А.Р. Андреев. - М.: Крафт, 2002; Акимбеков, С.М. Афганский узел и проблемы безопасности ентральной Азии [Текст] /С.М. Акимбеков. - Алматы: КИСИ, 1998.

маи дуввуми асри XX ба қатори онҳо шомил мегардид, дар тадқиқоти А.З. Арабаджян, Е.А. Брагина, Ю.В. Босин ва дигарон[2] инъикоси худро ёфтаанд.

Дар таҳқиқоти олимони руси даврони шӯравӣ ва муосир В.А. Басов, В. Глухоед, Ю.М. Головин, Н.М. Гуревич, Г.П. Ежов, Э.Р. Махмудов, Н.М. Наумкин, У. Окимбеков ва дигарон[3] масъалаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мушкилот дар роҳи барпо намудани иқтисоди муосир, сиёсати «иқтисоди идорашаванда», рушди бахши давлатӣ дар иқтисоди Афғонистон ва сиёсати давлатии саноатикунонӣ ва ғайра баррасӣ гардида, вижагӣ ва проблемаҳои дар ин соҳа вуҷуддошта мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар ҳаёти иқтисодии Афғонистони муосир соҳаи кишоварзӣ нақши калидӣ дорад, зеро бинобар суст будани ниҳодҳои иқтисоди замонавӣ, бахусус саноати пешрафта, соҳаи кишоварзӣ натанҳо талаботи мардумро ба маводи ғизоӣ ва саноати коркардро бо ашёи хом таъмин мекард, балки бахши умдаи даромади миллиро аз ҳисоби содир намудани маҳсулоти кишоварзӣ ба хориҷ ташкил медод. Маҳз аз ин хотир дар амалӣ намудани сиёсати навсозии ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба рушди кишоварзӣ ва ворид намудани унсурҳои иқтисоди бозор дар ин соҳа аҳамияти калон дода мешуд. Беҳуда нест, ки масъалаҳои ҳаёти кишоварзии Афғонистон, қабули қонуну меъёрҳои ҳуқуқӣ барои таъмини рушди босуботи кишоварзӣ дар таҳқиқоти А.Д. Давидов, А.И. Лобашев, В.А. Пуляркин [4] таҳқиқ гардиданд.

Сиёсати навсозӣ дар Афғонистон дар даврони ҳукумати Амонуллохон оғоз гардида, вале гарчи ноком анҷом ёфта буд, заминаи устувор барои рушди андешаҳо ва ҳаракатҳои тараққихоҳиро дар кишвар ба вуҷуд овард. Ҷанбаҳои гуногуни марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон, ки дарки вижагӣ ва сабабҳои

---

[2]Ниг.: Арабаджян, А.З. Отраслевая структура экономики развивающихся стран. Историографический очерк [Текст] /Арабаджян А.З.- М.: 1984; Брагина, Е.А. Развивающиеся страны: государственная политика и промышленность [Текст] /Е.А. Брагина. - М.: Наука, 1977; Босин, Ю.В. Национальные проблемы и современность. Западная Азия: этнополитическая ситуация [Текст] /Босин Ю.В. - М.: 1993; Аграрные структуры стран Востока. Генезис, эволюция, социальные преобразования. М.: 1977; Конституции стран Ближнего и Среднего Востока. М.: Госиздат, 1956.

[3] Ниг.: Басов, В. А. Вопросы социально-экономического развития Афганистана [Текст] /В. А. Басов //Народы Азии и Африки. - 1971. – №3; Глухоед, В. Некоторые проблемы экономического развития Афганистана. Афганистан: настоящее и прошлое [Текст] /В. Глухоед. - М., 1982; Головин, Ю.М. Пятилетний план и перспективы развития экономики Афганистана //Независимый Афганистан: 40 лет независимости (сборник статьей) [Текст] /Ю.М.Головин - М.: Наука, 1958; Боз ӯ. Государственный капитализм в Афганистане //Государственный капитализм в странах Востока [Текст] /Ю.М. Головин. - М.: Наука, 1960; Гуревич, Н.М. Государственный сектор в экономике Афганистана [Текст] /Н.М. Гуревич. - М.: Восточная литература, 1962; Боз ӯ. Афганистан: некоторые особенности социально-экономического развития [Текст] /Н.М. Гуревич. - М., 1983; Боз ӯ. Внешняя торговля Афганистана в новейшее время [Текст] /Н.М. Гуревич. - М.: 1981; Ежов, Г.П. Политика руководимой экономики в 70-е годы //Афганистан: проблемы войны и мира [Текст] /Г.П. Ежов - М.: 1996; Боз ӯ. Проблемы восстановления афганской экономики. Афганистан на переходном этапе [Текст] /Г.П. Ежов - М., 2002; Махмудов, Э.Р. Афганистан. Основные этапы эволюции государственной политики в области индустриализации (1919 – 1978) //Афганистан. История, экономика, культура. Сборник статьей [Текст] /Э.Р. Махмудов - М.: Наука, 1989; Наумкин, Н.М. Государственный сектор в экономике Афганистана [Текст] /Н.М. Наумкин. - М.: Восточная литература, 1962. 112 с.; Окимбеков, У. Экономика Афганистана (производственная инфраструктура) [Текст] /У. Окимбеков - М.: Институт востоковедения РАН, 2016.

[4] Давыдов, А.Д. Аграрный строй Афганистана (основные этапы развития) [Текст] /А.Д. Давыдов. - М.: Наука, 1967; Боз ӯ. Аграрное законодательств Демократической Республики Афганистан (социально-экономический анализ) [Текст] /А.Д. Давыдов. - М.: Наука, 1984; Лобашев, А.И. Сельское население и сельское хозяйство Афганистана в цифрах [Текст] /А.И. Лобашев. - М.: Наука, 1967. 96 с.; Пуляркин, В.А. Экономико-географические процессы в сельском хозяйстве развивающихся стран. Анализ исторического опыта Южной Азии [Текст] /В.А. Пуляркин. - М., 1976.

бенатиҷа анҷом ёфтани онҳо барои таҳлили равандҳои сиёсии баъдӣ ниҳоят зарур мебошанд, дар таҳқиқоти олимони соҳаҳои гуногуни илми таърих ва сиёсатшиносӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Ин масъалаҳои сиёсати навсозии Амонуллохон дар таҳқиқоти С. Беркман, И.М. Рейснер, Н. Сензил ва дигарон[5] баррасӣ гардидаанд.

**Гурӯҳи дувумро** осори муҳаққиқони Афғонистон ташкил мекунад. Таърихнигорони намоёни Афғонистон, аз ҷумла М.М. Ғубор, М.С. Фарҳанг, Файз Муҳаммад, С. Кушкакӣ, С. Муродӣ, Н. Турвоёно, Абдул Самад Ғавс, Ғ.Д. Панҷшерӣ, С. Сабоҳзода, М. Боқир ва дигарон[6], ки бештарашон дар ҳаёти сиёсии кишвар ва равандҳои навсозӣ саҳми фаъол доштанд, дар таҳқиққоти худ роҷеъ ба таърихи муосири кишвар, марҳилаҳои ҷудогонаи раванди навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, вижагӣ ва натиҷаҳои онҳо андешаҳои ҷолиб иброз намудаанд, ки сарчашмаи муҳимми маълумоти илмӣ маҳсуб меёбанд.

**Ба гурӯҳи сеюм** осори илмии олимони тоҷик шомил шудаанд. Дар равандҳои навсозӣ ва ислоҳот созмонҳои сиёсӣ ва ҳаракатҳои ҷамъиятӣ дар ибтидо ташаббускори қабули барномаҳои давлатӣ буда, дар амалӣ намудани онҳо саҳми фаъол доштанд. Бесабаб нест, ки масъалаи баррасии нақши аҳзоби сиёсӣ ва ҷараёнҳои иҷтимоӣ, ташаккули афкори иҷтимоӣ мавзӯи таҳқиқи илмии олимони таърихнигори тоҷик, ба хусус Ҳ. Назаров, Ш. Имомов, Р. Маҳмадшоев, Ҷ. Латифов, Қ. Искандаров, Р. Нуриддинов, Ш.З. Зарипов, Р.Я. Шарифов[7] ба ин масъалаҳо таваҷҷуҳ намудаанд.

**Гурӯҳи чорумро** осори олимони Ғарб ташкил мекунад. Масъалаҳои муносибати табақаҳои мухталифи ҷомеаи Афғонистон ба равандҳои навсозӣ, ширкати онҳо дар ин равандҳо, таъсири омили қавмӣ ва сабабҳои ноком гардидани сиёсати навсозӣ дар марҳилаҳои гуногуни таърихи кишвар дар тадқиқоти О. Руа, Т. Барфилд, В.К. Фрезер-Тейлор, Л. Дюпри, А. Сайкал, А. Тойнби, Д.Н.

---

[5] Ниг.: Беркман, С. Налоговые реформы Амануллахана [Текст] /С. Беркман //Очерки по новой истории стран Среднего Востока. М.: Госиздат, 1951. СС. 167-168; Рейснер, И.М. Пять лет внутренних реформ в Афганистане [Текст] /И.М. Рейснер //Новый Восток. 1925. №8-9.

[6] Ниг.: Ғубор, М.Ғ.М. Афғонистон дар масири таърих [Матн] /М.Ғ.М. Ғубор. - Кобул: Матбааи давлатӣ, 1967; Боз ӯ. Афганистан на пути истории [Матн] /М.Ғ.М. Ғубор. - М.: Наука, 1987; Фарҳанг, М.С. Афғонистон дар панҷ қарни охир [Матн] /М.С. Фарҳанг. - Теҳрон: Андеша,1385 (2006); Файз, Мухаммад. Книга упоминаний о мятеже [Матн] /Мухаммад Файз. – М.: Наука, 1988; Кушкаки, С. Даҳаи Қонуни асосӣ. Ғафлатзадагии афғонҳо ва фурсатталабии русҳо [Матн] /С. Кушкаки. - Пешовар: Майванд, 1377 (1998); Муродӣ, С. Афғонистон дар садаи бистум (Аз Абдураҳмон то Карзай) [Матн] /С.Муродӣ. - Кобул, 2015; Наджибулло, Турвоёно. Ориёно ё Афғонистон. Таърихи мухтасари Афғонистон [Матн] /Турвоёно Наджибулло. - Пешовар: Ал-аҳзар, 1379 (2000); Ғавс Абдул, Самад. Суқути Афғонистон. Баёни як шоҳиди айнӣ [Матн] /Абдул Самад Ғавс. - Кобул, 1999; Панҷшерӣ, Ғ. Д. Зуҳур ва заволи Ҳизби демократики халқи Афғонистон [Матн] /Ғ. Д. Панҷшерӣ- Пешовар, 1999; Сабоҳзода Саид, Муҳаммад Боқир. Таърихи мухтасари сиёсии Афғонистон [Матн] /Саид Муҳаммад Боқир Сабоҳзода. - Кобул, 2009.

[7] Ниг.: Назаров, Х. Социальные движения 20-х годов XX века в Афганистане [Текст] /Х. Назаров. – Душанбе: Дониш, 1989; Искандаров, К. Политические партии и общественные движения Афганистана во второй половине XX в. [Текст] /Искандаров К. - Душанбе: Ирфон, 2004: Нуриддинов, Р. Идейная борьба леводемократических и право-исламистских сил в Афганистане во второй половине XX века [Текст] /Р. Нуриддинов. - Душанбе: Ватанпарвар, 2003; Зарипов, Ш. Кочевники и полукочевники Афганистана [Текст] /Ш. Зарипов //«Афганистан. История, Экономика. Культура» М., «Наука» 1989, с. 107-135; Боз ӯ. Кочевники Афганистана (XIX-XX вв) /Ш. Зарипов. - Душанбе: «Ирфон», 1991; Шарипов Р.Я.История традиционного и современного образования в Афганистане[Текст]. Душанбе: Таъминотчи, 2018.- 317с.; Шарипов Р.Я. Состояние системы образования Афганистана в 1929-1939гг. [Текст]\\Вестник Педагогического университета им. Садриддина Айни.- 2018.№1(73).С.145-152.

Вилбер, А. Вилсон, Н. Сензил, Д. Кордовес, С. Харрисон ва дигарон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтанд[8].

Таҳлили ҷанбаҳои таърихии амалӣ намудани сиёсати навсозӣ ваислоҳот, вижагиҳои марҳилаҳо ва мазмуни равандҳои навсозӣ дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ, нишон дод, ки:

- дар байни муҳаққиқони таърихи муосири Афғонистон ақидаи ягона дар бораи сиёсати навсозӣ ва ислоҳот ташаккул ёфта буд. Навсозӣ маънои амалӣ намудани маҷмӯи дигаргунсозии куллии ҳаёти сиёсӣ, низоми давлатдорӣ, соҳаҳои ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро дошт, ки бо роҳи амалӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва қабули қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мувофиқ буда, ба роҳ монда шуда буд;

- дар баробари ин, дар байни муҳаққиқон дар бораи марҳилаҳо ва моҳияти онҳо андешаи ягона вуҷуд надорад, зеро то ҳанӯз дар баробари омилҳои хориҷӣ, ки ба равандҳои навсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоӣ таъсиргузор буданд, ба омилҳои дохилӣ, бахусус, мавқеи доираҳои ҳукмрон ва муносибати онҳо ба дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти дохилии кишвар камтар таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд;

- шаклу самтҳои асосии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар Афғонистон ҳамчун омили муҳими таъмини рушди босуботи ҷомеа ва заминаи боэътимоди боло бурдани сатҳи зиндагии қишрҳои поёнии ҷомеа мавриди баррасии амиқ қарор нагирифтаанд;

- новобаста аз он ки дар солҳои 50-ум ва аввали 70-ум дар ҳаёти дохилии Афғонистон тағйироти бунёдӣ дар масъалаи банақшагирии рушди иқтисодӣ, таҳия ва қабули нақшаҳои панҷсолаи тараққиёти иқтисоди кишвар, қабули Қонуни Асосии мутобиқ ба системаи пешрафтаи шоҳии машрута (монархияи конститутсионӣ), барпо кардани низоми сиёсии бисёрҳизбӣ ва фаъолияти матбуоти озод ва ғайридавлатӣ ба амал омаданд, то ҳол ин равандҳои муҳимми ҳаёти сиёсии Афғонистон аз лиҳози нақши онҳо дар раванди навсозии кишвар мавриди арзёбии илмӣ қарор нагирифтаанд.

Мақсади рисолаи мазкур такмили донишҳо дар мавриди ҷанбаҳои таърихии равандҳои навсозӣ дар Афғонистон, бахусус давраи ҳукмронии охирин шоҳи кишвар Муҳаммад Зоҳиршоҳ ва хусусиятҳои хоси ду марҳилаи асосӣ – нимаи дуввуми солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум ва нимаи дуввуми солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум асри XX мебошад.

---

[8]Ниг.: Barfield, Th. Afghanistan: A Cultural and Political History. Princeton Studies in Muslim Politics [Text] /Th. Barfield. Princeton: Princeton University Press, 2010. 404 p.; Dupree, L. Afghanistan [Text] / L.Dupree . Princeton Univ. Press, Princeton. - New Jersey, 1980; The Rise and the Fall of the Shah. Princeton [Text] /A. Saikal, 1980; Toynbee, A. Impressions of Afghanistan and Pakistan’s Nord-West Frontier in Relation to the Communist World //International Affairs [Text] /A. Toynbee. London. 1961. Vol.37. N2; Wilber, D.N. Prospects for Federation in the Northern Tier //The Middle East Journal. Washington [Text] /D. N. Wilber. 1958. Vol.12. N4; Wilson, A. North from Kabul. London: 1961; Сензил, Н. Афғонистон дар аҳди Амония. Вокунишҳои мазҳабӣ ва таҳаввулоти иҷтимоии замони салтанати Амонуллохон (1919-1929) [Матн] /Н. Сензил. – Ҳирот: Аҳрорӣ, 1388(2010); Кордовес, Д., Харрисон С. Пушти парда Афғонистон [Матн] /Д. Кордовес, С. Харрисон. – Теҳрон: «Ал-ҳудо», 1379 (2000).

# ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

**Робитаи кор бо барнома (лоиҳа)-ҳои мавзӯи илмӣ**. Рисолаи диссертатсионӣ дар доираи барномаи таълимиии фанни «Таърихи умумӣ»-и кафедраи таърихи умумии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав омода карда шуда, маводи он дар таълими фанни «Таърихи муосири кишварҳои Осиё ва Африқо» истифода мегарданд.

**Ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои тадқиқ.** Ҳадафи таҳқиқ аз баррасӣ ва таҳлили моҳият ва мазмуни равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон дар солҳои 30-70-уми асри XX мебошад. Барои расидан ба мақсади зикргардидаи таҳқиқ дар диссертатсия **вазифаҳои** асосии таҳқиқ муайян шуданд:

- муайян намудани хусусиятҳо ва нуқсонҳои раванди навсозӣ дар давраи фаъолияти ҳукумати ислоҳоткоронаи Амонуллохон дар марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон;
- таҳлили вазъи сиёсию иҷтимоии Афғонистон дар солҳои 30-ум ва нимаи аввали солҳои 40-уми садаи гузашта;
- тавсифи таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50- уми Афғонистон;
- ошкор намудани таъсири омилҳои берунӣ дар нимаи дувуми солҳои 40-ум, ба хусус дигаргуниҳои ба амал омада дар ҷаҳон пас аз хотима ёфтани ҷанги ҷаҳонӣ ва авҷ гирифтани харакатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар кишварҳои Шарқ ва таъсири онҳо ба вазъи дохилии Афғонистон;
- мушаххас намудани ҳолати рушди парламентаризм дар ибтидои солҳои 50-ум ва нақши он дар навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мамлакат;
- муайян намудани заминаҳои ташаккули низоми парламентӣ дар Афғонистон, хусусиятҳои хоси вазъияти таърихӣ ва аҳамияти фаъолияти Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум;
- муайян намудани нақши омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар қабули Қонуни асосии соли 1964 ва тавсеаи заминаҳои навсозиву ислоҳот дар Афғонистон;
- ошкор намудани мақом ва нақши аҳзоб ва матбуоти озод дар рушди ғояҳои навсозӣ ва ширкати онҳо дар равандҳои навсозии баъди қабули Қонуни Асосии соли 1964.

**Объекти таҳқиқ** равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистонро дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933–1973) ташкил медиҳад.

**Мавзӯи таҳқиқ** аз баррасии ҷанбаҳои таърихии марҳилаҳои асосӣ ва вижагиҳои равандҳои навсозӣ ва амалӣ намудани ислоҳот дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, низоми давлатдорӣ, ташаккул ёфтани системаи парламентӣ ва бисёрҳизбӣ дар Афғонистон дар солҳои 30-юм ва 70-уми асри XX мебошад.

**Асосҳои методологӣ ва назариявии кори диссертатсионӣ** бо дар назар гирифтани мушкилот ва гуногунҷанба будани мавзӯи таҳқиқ муайян карда шудаанд. Ба сифати муносибати асосӣ ва универсалӣ муносибати диалектикаи материалистӣ мавриди истифода қарор гирифта аст, ки имкон медиҳад падида

ва ҳодисаҳои таърихиро дар ҳамбастагӣ, робитаи мустақим ва мутақобил бо воқеияти иҷтимоӣ ва мутобиқ гардидани ниҳодҳои давлатӣ ва иҷтимоиро ба воқеиятҳои ҳаёти дохилӣ ва ҳаёти байналмилалӣ мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор диҳад. Дар рисола усулҳои умумиилмӣ (анализ, синтез, ҷамъбаст, хулосабарорӣ, истисно кардан) ва усулҳои хоси илмӣ (таърихӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, иҷтимоӣ, мантиқӣ, системавӣ ва шарҳу тафсир ва ғ.) мавриди истифода ба амал омада аст. Истифодаи усули таърихӣ имкон медиҳад, ки воқеаҳои ҳар як марҳилаи таърихӣ аз нуктаи назари давраи муайяни таърихӣ баррасӣ ва арзёбӣ гардида, дурнамои рушди онҳо муайян карда шавад. Бар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ масъалаҳои дар диссертатсия гузошта шуда амиқ, ҳамаҷониба ва воқеъбинона таҳқиқ гарданд. Бар асоси усулҳои хоси таърихӣ ҳадафи тахқиқ – равандҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар шароити рушди низоми иҷтимоӣ, ҳамчун унсури асосӣ ва қувваи пешбарандаи он баррасӣ гарданд.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Давраи иҷроиши мавзӯи диссертатсионӣ солҳои 2016-2020-ро фаро мегирад.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** дақиқияти маълумот, васеъ будани ҳаҷми маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ва маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, гузаронидани таҳқиқи муътамади диссертатсионӣ мебошанд. Хулосаҳои илмии рисола дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибаи таърихи навсозии ҳаёти сиёсӣ-иҷтимоии Афғонистон пешниҳод гардидаанд.

**Давраҳои хронологии таҳқиқот** (1933–1973) – давраи ҳукмронии охирин намояндаи низоми шоҳии машрута (монархияи подшоҳӣ) Муҳаммад Зоҳиршоҳро дар бар мегирад, ки дар ин давра равандҳои навсозӣ тадриҷан ҷузъи барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатӣ гардида, заминаи таҳаввули системаи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангиро гузоштанд. Бо мақсади муайян кардани заминаи таърихии амалӣ намудани сиёсати навсозӣ ваислоҳот дар давраи таҳқиқ зарурати муроҷиат намудан ба масоили навсозии Афғонистон дар солҳои 20-уми асри XX ба миён омад.

**Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи диссертатасионӣ қадами аввал дар таърихнигории муосири Тоҷикистон ҷиҳати таҳқиқи ҳамаҷониба, муқоисавӣ-таърихӣ ва назариявию амалии мавзӯи навсозӣ ва ислоҳоти ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ (1933–1973) мебошад. Барои таҳлили моҳияти равандҳои навсозӣ, ислоҳоти низоми давлатдорӣ ва масъалаҳои барпо кардани асосҳои иқтисоди миллӣ ва амалӣ намудани ислоҳоти ҳаёти иҷтимоӣ муаллиф ба сарчашмаҳои таърихӣ, асноди меъёрӣ-ҳуқуқӣ, барномаҳои давлатии қабул шуда ва амалигардида, адабиёти васеи илмӣ муроҷиат намуда, ба нуктаи назар ва андешаҳои муҳаққиқони давраҳои пеш аз мавқеи имрӯза нигоҳ намуда аст.

Ҳамзамон навгонии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки:

- вазъи дохилӣ ва мавқеи дар сатҳи байналмилалӣ доштан Афғонистон дар солҳои 30-70-уми асри XX аз лиҳози ба вуҷуд омадани зараурати татбиқи амалии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар ҳар як давраи инкишофи таърихӣ ва мавзеъгирии доираҳои ҳукмрон ба равандҳои навсозӣ муайян карда шудааст;

- омилҳои дохилӣ ва берунии таъсиргузор ба вазъияти сиёсии Афғонистон дар нимаи дуввуми солҳои 40-ум бахусус, таъсири дигаргуниҳои куллии ба амаломада пас аз Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ ва ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ ба равандҳои навсозӣ нишон дода шудаанд;

- заминаҳои ташаккули низоми ҳокимияти олии қонунгузор (парламент) дар Афғонистон, хусусиятҳои вазъияти таърихӣ ва аҳамияти фаъолияти Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум (1949–1951) ошкор карда шудаанд;

- нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои мутараққӣ дар ҳаёти сиёсӣ дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум, бахусус дар ташаккули низоми ҳокимияти олии қонунгузор (парламент) дар Афғонистон муайян карда шуданд;

- аҳамияти фаъолияти аҳзоби мухолифи давлат ва истифодаи минбари Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум барои таблиғи ғояҳои озодӣ ва мутараққӣ дар байни мардум тавсиф гардида аст;

- омилҳои дохилӣ ва берунии қабули Қонуни Асосии соли 1964 ва накши он дар тавсеаи заминаҳои навсозӣ ва ислоҳот дар Афғонистон дар даҳсолаи оянда муайян карда шудааст;

- нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ ва матбуоти озод дар рушди ғояҳои навсозӣ ва ширкати онҳо дар равандҳои навсозӣ пас аз қабули Қонуни Асосии соли 1964 муайян гардидаанд;

- самтҳои асосии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар давраи «даҳаи Қонуни Асосӣ» (1964–1973) ва натиҷаҳои онҳо мавриди арзёбӣ қарор гирифтанд.

**Пойгоҳи сарчашмавии тадқиқотро** манбаъҳо, маҷмӯаҳои соҳавӣ, маълумотномаҳо ва матбуоти даврӣ ташкил медиҳанд, ки шартан ба чанд гурӯҳ тақсим шудаанд:

**- ба гурӯҳи аввал** қонунҳои асосӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, низомномаҳо, солномаҳо ва шартномаҳои байналмилалии Афғонистон[9] шомил гардидаанд, ки дар давраи таҳқиқ дар Афғонистон қабул ва мавриди амал қарор дошта аз тарафи ҳукумати кишвар ба имзо расида буданд;

**- гурӯҳи дувуми** сарчашмаҳоро маводи бойгониҳои Федератсияи Россия ташкил мекунанд, ки маълумоти муҳимеро оид ба ҷанбаҳои мухталифи мавзӯи таҳқиқ дарбар мегиранд[10];

**- гурӯҳи севумро** хотироти амиру, роҳбарон ва шахсиятҳои барҷастаи илмӣ ва ҷамъиятию сиёсии Афғонистон ташкил медиҳанд, ки дар умқи ҷа-

---

[9] Усули асосии Давлати Олияи Афғонистон [Матн]. Кобул: Матбааи давлатӣ, 1310 (1931)// kankorafghanistan. com/nub/1343. (Дастрасӣ 3 05. 2019); Усули асосии Давлати Олияи Афғонистон//Аз Амонулло то Карзай. Аз соли 1303 ҳ.ш. то соли 1372 ҳ.ш.. Назариёт ва баррасиҳо, қовонини асосии Афғонистон ва бархе қавонин ва мисоқҳои ҷаҳонӣ [Матн].- Кобул: Кова, 2004. С.260-274; Қонуни асосии Афғонистони асри Зоҳиршоҳ (9 мизони соли 1343 ҳ.ш.)//Аз Амонулло то Карзай. Аз соли 1303 ҳ.ш. то соли 1372 ҳ.ш.//Назариёт ва баррасиҳо, қовонини асосии Афғонистон ва бархе қавонин ва мисоқҳои ҷаҳонӣ [Матн].- Кобул: Кова, 2004; Низомномаи молия [Матн]. Кобул: Матбааи давлатӣ 1299 (1921). С.13// [манбаи электронӣ] URL: http:// www.moj.gov.af/fa/page/2994 (Дастрасӣ 10.08.2018);Низомномаи давлати олияи Афғонистон [Матн]. мм. 1-32. Кобул, 1303(1924) [манбаи электронӣ] URL: http:// www.moj.gov.af/fa/page/2994 (Дастрасӣ 10.08.2018);Низомнома «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Афғонистон» [Матн] // Ислоҳ. 9 саратони соли 1333 (30 июни соли 1954); Солномаи Кобул, 1315 (1936) [Матн]. Кобул: Матбааи давлатӣ, 1316 (1937).

[10] Архив внешней политики Российской Федерации. Фонд № 13 – Посольство СССР в Афганистане, дело 161, опись 41, л. 5-18; Афганское разграничение. Переговоры между Россией и Великобританией 1872-1885 [Текст] - Санкт-Петербург: Издание Министерства иностранных дел, 1886.

раёноти сиёсию иҷтимоии Афғонистон қарор доштанд ва хотироти онҳо манбаи хубест барои таҳлили воқеаҳои ин давра.

Ба ин кабил сарчашмаҳо метавон хотиротии амир Абдурраҳмонхон[11], Муҳаммад Ҳасани Шарқ[12], Муҳаммад Тоҳири Бадахшӣ[13], Халилулои Халилӣ[14], Саид Қосими Риштиё[15], Султоналии Киштманд[16] ва дигаронро дохил намуд. Ҳамчунон ба ин гурӯҳ китобҳои гаронбаҳои Мирғулом Муҳаммад Ғубор[17] ва Мир Муҳаммад Сиддиқи Фарҳангро[18] ҷо додаем, зеро гарчанде ин китобҳо осори таҳқиқотӣ мебошанд, аммо дар робитаи ба солҳои мавриди таҳқиқ дар ин диссертатсия ин шахсиятҳои сиёсӣ ва олимони тавоно шоҳид ва иштирокчии бевоситаи ин воқеаҳои сиёсӣ буданд ва бешубҳа навиштаҳои онҳо манбаи бисёр мувассақ барои таҳлили воқеаҳои ин давра ба ҳисоб мераванд.

**- ба гурӯҳи чорум** маҷмӯаҳои соҳавӣ ва маълумотномаҳо шомил гардида, маълумоту нишондодҳои онҳо сатҳ ва рушди равандҳои навсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистонро дар давраи таҳқиқ инъикос менамоянд[19];

**- гурӯҳи панҷуми** сарчашмаҳои рисоларо матбуоти даврии Афғонистон, бахусус рӯзномаҳои давлатӣ ва нашрияҳои аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ ба мисли «Ватан»,«Анис»,«Бохтар», «Бунёди ваҳдат», «Ислоҳ», «Меҳан», «Мусовот», «Садои авом», «Халқ» ва ғайра ташкил медиҳанд, ки дар давраи таҳқиқ интишор ёфта, моҳияти равандҳои навсозиро инъикос намуданд.

**Ба ҳимоя нуктаҳои илмии зерин пешниҳод мегарданд:**

1. Навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар тӯли сад соли охир якчанд марҳиларо дар бар мегирад. Ҳанӯз аз ибтидои асри XX дар Афғонистон аввалин ниҳодҳои сохтори замонавии иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба вуҷуд омаданд, вале доираҳои ҳукмрон ин навгониҳои саноатӣ, техникӣ ва фарҳангиро барои нигоҳ доштани мавқеи ҳукмрони номаҳдуди худ ва мустаҳкам намудани ниҳодҳои қудратии давлат амалӣ намуда, мақсади онҳо аз байн бурдани муносибатҳои ҷомеаи анъанавии феодалӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагии мардуми оддӣ набуда аст.

---

[11] Амир Абдурраҳмонхон. Тоҷу-т-таворих. Ҷ.1-2. Пешовар, 1996.

[12] Шарқ М. Ҳ. Карбоспӯшҳои бараҳнапо. Розҳои нуҳуфта, ҷараёноти пушти парда ва инкишофоти такондиҳанда (1310–1370 ҳ. ш.). Хотирот. – Пешовар: Майванд, 1373 (1994).

[13] Бадахшӣ М.Т. Агар як фард саргузаште дошта бошад [Матн] / М.Т. Бадахшӣ//Ёдномаи Муҳаммад Тоҳир Бадахшӣ. Бист сол пас аз шаҳодаташ. - Душанбе, 2000. С. 15-16.

[14] Халилӣ Халилуллоҳ. Савонеи устод аз забони худаш [Матн]/ Халилуллоҳ Халилӣ //Юмгон. Таълиқ ва таҳшия бо муқаддимаи Иноятулло Шаҳронӣ.

[15] Хотироти сиёсии Сайид Қосим Риштиё. 1311 то 1371 [Матн]/ Риштиё Сайид Қосим. - Б.ҷ, 1379 (2001).

[16] Киштманд С. А. Ёддоштҳои сиёсӣ ва рӯйдодҳои таърихӣ. Хотироти шахсӣ ва барҳаҳое аз таърихи муосири Афғонистон. – Ҷ. 1–2. – Б. ҷ., 2002; Ҳамон муаллиф. Ёддоштҳои сиёсӣ ва рӯйдодҳои таърихӣ. Хотироти шахсӣ ва барҳаҳое аз таърихи муосири Афғонистон. – Ҷ. 3. – Б. ҷ., б. с.

[17] Ғубор М.М. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / М.М. Ғубор. – Вирҷиния,1999.

[18] Фарҳанг М.С. Афғонистон дар панҷ қарни охир [Матн]/ М.С. Фарҳанг. - Теҳрон: Андеша, 1385 (2006).

[19] Афганистан сегодня. Справочник. – Душанбе: Главная научная редакция Таджикской Советской Энциклопедии, 1988. – 223 с.; Афганистан. Справочник. – М.: Издательская фирма “Восточная литература”, РАН, 2000. – 256 с.; Илмӣ Ҳамид. Рӯзшумории вақоеи Афғонистон: Аз Аҳмадшоҳи Дурронӣ то имрӯз. – Кобул: Бунёди Шаҳид Масъуд, 2003. – 112 с.; Давлатободӣ Басир Аҳмад. Шиносномаи Афғонистон. – Қум: Шаҳид, 1371 (1992). – 415 с.

2. Пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар соли 1919 ва ба сари ҳокимият омадани ҳукумати ҷавонафғонҳо бо сарварии шоҳи ислоҳотпарвар Амонуллохон барномаи васеи навсозӣ ва ба амал баровардани ислоҳоти низоми давлатдорӣ, аз байн бурдани боқимондаҳои истеҳсолоти феодалӣ, дастгирии сармоядорони миллӣ, қабули низомнома ва қонунҳо ҷиҳати таъмини асосҳои ҳуқуқии рушди иқтисоди миллӣ ва саноати муосир роҳандозӣ гардид, вале шитобкорӣ ва нусхабардорию тақлиди кӯр-кӯронаи арзишҳои бегона ва муқобилияти сахти табақаи рӯҳониён сабаби шикасти сиёсати навсозии ҳукумати ҷавонафғонҳо гардид.

3. Дар марҳилаи аввали ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ, дар солҳои 1933–1946 доираҳои ҳукмрон ҳамоно сиёсати мустаҳкам намудани низоми истибдодиро идома доданд, вале дар зери таъсири тағйироти куллӣ ва боло рафтани мавҷи ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар кишварҳои Шарқ пас аз Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ маҷбур гардиданд даст ба ислоҳоти ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ зананд. Дар натиҷа ҳукумат ба фаъолияти аҳзоб ва созмонҳои ҷамъиятӣ иҷозат дод ва ба мақоми қонунгузори кишвар – Шӯрои Миллӣ даъвати ҳафтум вакилони мустақил, намояндагони аҳзоби мухолиф ва мудофеини табақаҳои поёнии ҷомеа роҳ ёфтанд.

4. Пас аз соли 1953, баъд аз оғози фаъолияти ҳукумати тараққихоҳи Муҳаммад Довудхон дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии Афғонистон марҳилаи нав сар шуд. Дастовардҳои асосии ин давраи навсозии Афғонистон аз ба роҳ мондани барномаи рушди иқтисоди миллии кишвар буд, ки аз тариқи сиёсати «иқтисоди идорашаванда» амалӣ гардида, дар натиҷа дар солҳои 50-ум дар Афғонистон лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ, саноатӣ, нақлиётӣ, энергетикӣ ба роҳ монда шуд ва дар воқеъ такягоҳи иқтисоди миллии Афғонистон барпо карда шуд. Дастоварди муҳимми Афғонистон дар ин давра – гузариш ба усули нақшагирии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва қабули нақшаҳои панҷсолаи тараққиёти кишвар ва таҳияи барномаҳои дурнамои рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ буд, ки заминаро барои навсозии тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ фароҳам месохт.

5. Дар баробари дастовардҳо дар ин давраи тақдирсози кишвар ҳукумати Муҳаммад Довудхон ба хатогӣ ва камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дод, ки бузургтарин иштибоҳи ҳукумат ин амалӣ намудани сиёсати шиддат бахшидани муносибатҳо бо давлати ҳамсоя – Покистон таҳти таъсири «масъалаи Паштунистон» буд, ки боиси бад шудани муносибат на танҳо бо ин кишвар, балки бо ҷаҳони Ғарб гардид. Дар натиҷа маблағҳои зиёд подоши сиёсати тавсеаталабона гардида, шиддат гирифтани муносибатҳо бо Покистон ду кишварро ба вартаи ҷанг наздик намуд ва сабаби истеъфои ҳукумати Муҳаммад Довудхон, коҳиш ёфтани раванди навсозӣ ва оғози марҳилаи тӯлонии буҳрон дар Афғонистон гардид.

6. Фаъолияти Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум (1949-1951), аҳзоби сиёсӣ, созмонҳои ҷавонон, бахусус Иттиҳодияи донишҷӯёни Донишгоҳи Кобул ба афкори мардум, низоми иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии Афғонистон таъсири амиқ гузоштанд. Андешаҳои озодихоҳӣ, ҳимояи манфиати табақаҳои поёнии ҷомеа, имконияти фаъолияти муташаккилона дар зеҳни доираҳои васеи мардум ҷой гирифт. Зиёиёни бедор бо афкори тараққихоҳӣ ва пешрафти иҷтимоӣ, ки дар

кишварҳои ҳамсоя васеъ паҳн гардида буданд, ошноӣ пайдо карда, барои густариши онҳо дар ҷомеаи анъанавии Афғонистон иқдом намуданд. Майл ба ислоҳот ва навсозӣ танҳо хоси аҳолии шаҳрҳо набуда, дар байни мардуми гӯшаву канори Афғонистон ҳамовозӣ пайдо карданд.

7. Дастоварди бузурги фаъолияти парламенти озод дар арсаи ҷаҳонӣ интихоби роҳи бетарафӣ ва ба паймонҳои низомӣ-сиёсӣ ҳамроҳ нагардидани кишвар ба шумор мерафт, ки дар натиҷа Афғонистон бо кишварҳои ҷаҳони Ғарбу Шарқ муносибати дӯстона ва ҳамкориҳои иктисодиро ба роҳ монад буд.

8. Қабули Қонуни асосӣ дар соли 1964 ба навсозии ҳаёти иҷтимоию иқтисодии Афғонистон такони ҷиддӣ бахшид. Қонуни асосӣ заминаҳои меъёрии ҳуқуқии ташкил ва фаъолияти парламент, нашри матбуоти озод ва ташкили аҳзоби сиёсиро муҳайё намуд. Гарчанде қонун дар бораи аҳзоби сиёсӣ аз тарафи подшоҳ имзо нашуд, аммо бо вуҷуди он даҳҳо ҳизби сиёсӣ, ки худро ҷараёнҳои сиёсӣ меномиданд, бо идеологияҳои гуногун дар саҳнаи сиёсии Афғонистон зуҳур намуда, фаъолияти густурдаро ба роҳ монданд.

9. Дар солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум дар маҷмӯъ гурӯҳҳои чапгарои тамоюли сотсиалистидошта ва наҳзати исломӣ ду қутби асосии мухолифро дар муборизаҳои сиёсии ҷомеа ташкил менамуданд. Набуди таҷрибаи сиёсӣ ва ихтилофҳои даруниҳизбӣ имконият намедод, то ин аҳзоб дар амалӣ намудани барномаҳои худ муттаҳидона амал намуда, дар раванди ислоҳот ва навсозӣ саҳми фаъол дошта бошанд.

10. Дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ гарчи сиёсати ҳадафмандонаи ҳукуматӣ ҷиҳати амалӣ намудани навсозӣ ва ислоҳот дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ қабул нагардида бошад ҳам, вале дар марҳилаҳои мухталифи ҳаёти ҷомеаи Афғонистон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба вуҷуд омаданд, ки сабабгори тағйир додани ҷомеаи анъанавӣ ва роҳ ёфтани арзишҳои дунявӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ гардиданд. Дар солҳои 50-ум ниҳодҳои ҷомеаи парламентӣ ва бисёрҳизбӣ ба вуҷуд омада, рушд намуданд ва дар солҳои 60-ум, пас аз қабули Қонуни Асосии соли 1964 низоми машрутаи подшоҳӣ (монархияи конститутсионӣ), тақсими ҳокимияти сегонаи давлатӣ, бисёрҳизбӣ ва матбуоти озод пурра барқарор гардида буданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳлил, коркард ва таҳияи хулосаҳои илмӣ дар чорчӯбаи тадқиқоти мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ маҳсули фаъолияти инфиродии муаллиф буда, ҳама марҳилаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ бо иштироки довталаб амалӣ гардиданд. Ҳамчунин саҳми шахсии муаллиф бо сатҳи навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодгардида, чопи мақолаҳои илмӣ аз натиҷаҳои тадқиқот, ироаи маърӯзаҳо ва иштирок дар кори конференсияҳои илмӣ-амалӣ, масъалагузорӣ ва услуби нигориши диссертатсия тасдиқ мегардад.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсия** аз он иборат аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ барои дарки амиқ ва воқеии равандҳои навсозии ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии Афғонистони муосир, моҳияти падидаҳои мураккаби геополитикӣ, минтақавӣ, этникӣ, мазҳабӣ, сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ ва ғайра мусоидат менамоянд, зеро бидуни ин, дарки ҷанбаҳои таърихӣ, моҳият, хусусиятҳо ва мазмуни

равандҳои навсозӣ ва ислоҳот дар кишвар пас аз касби истиқлолият ғайриимкон мебошад. Таҳлилҳо ва арзёбиҳои дар диссертатсия овардашуда имкон фароҳам меорад, ки нақши ниҳодҳои низоми давлатдорӣ, фаъолияти аҳзоби сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ ҳамчун ниҳодҳои ҷомеаи мутамаддини муосир, таносуби арзишҳои муосири дунявӣ ва анъанавӣ дар таърихи Афғонистон дуруст дарк карда шавад. Маводҳои диссертатсия метавонанд дар таҳияи барномаҳои дарозмуддати рушди соҳаҳои гуногуни ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсӣ-фарҳангии Афғонситон мавриди истифода қарор гиранд.

Аҳамияти амалии диссертатсия аз он иборат аст, ки таҳлилҳо, хулосаҳо ва арзёбиҳои он дар ташкили раванди таълим дар мактабҳои олӣ ҳангоми омӯзиши фанҳои «Таърихи кишварҳои Осиё ва Африқо», «Таърихи умумӣ», «Таърихи муосири Афғонистон», «Кишваршиносӣ» ва ғайра метавонанд мавриди истифода қарор бигиранд.

**Таъйиди натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи диссертатсионӣ дар кафедраи «Таърихи умумӣ»-и Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав таҳия гардида, дар ҷаласаи ҳамин кафедра ва кафедраи муносибатҳои байналхалқии факултети муносибатҳои байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва маъқул дониста шуд ва барои ҳимоя тавсия гардидаанд.

Доир ба мавзӯи таҳқиқотӣ 6 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 3 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ки 6 зербобро дар бар мегиранд, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 174 саҳифаро ташкил медиҳад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзӯи тадқиқ асоснок шуда, сатҳи тадқиқи мавзӯъ, объект ва мавзӯи тадқиқ, робитаи таҳқиқ бо барнома (лоиҳа)-ҳои мавзӯи илмӣ, ҳадафи асосӣ ва вазифаҳои тадқиқ, асоси методологӣ ва назариявии кор, марҳилаҳои таҳқиқ,  эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, давраҳои хронологии тадқиқ, навгонии илмии тадқиқоти диссертатсионӣ, пойгоҳи сарчашмавии тадқиқ, нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳод гардида, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, аҳамияти илмӣ ва амалии диссертатсия, тасвиби натиҷаҳои тадқиқоти диссертатсионӣ, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян гардидаанд.

**Боби якуми** рисола **«Таҷрибаи таърихии навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон»** аз ду зербоб иборат буда, ба тавзеҳи ҷанбаҳои таърихӣ, амалия ва таҷрибаи сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар Афғонистон, заминаҳо, равандҳо ва моҳияти навсозии низоми иҷтимоию сиёсии кишвар ва сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ дар давраи ҳукмронии Амонуллохон, вазъияти дохилии Афғонистон дар солҳои 30–ум ва нимаи аввали солҳои 40-ум бахшида шудааст.

Дар **зербоби аввал – «Таҷрибаи навсозии низоми иҷтимоӣ дар солҳои 1919–1929»** масъалаҳои мухталифи вазъияти дохилии Афғонистон пас аз эъло-

ни истиқлолияти сиёсии кишвар дар соли 1919, муайян кардани шароити таърихии сиёсати навсозӣ ва ислоҳоти низоми иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар дар давраи ҳокимияти ҷавонафғонҳо бо сарварии шоҳ Амонуллохон ва сабабҳои нокомии сиёсати навсозӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар рисола таъкид гардида аст, ки ҳукумати Амонуллохон сиёсати ислоҳот ва навсозиро иқдом намуда, мақсад дошт на танҳо низоми асримиёнагии феодалиро аз байн бурда, ниҳодҳои анъанавии ҷомеаро тағйир ва навсозӣ намояд, балки навсозии амиқи тамоми низоми ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодии давлат ҷиҳати таъмини пешрафти иҷтимоиро таъмин намояд. Навсозӣ дар мадди аввал дастгоҳи марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатиро дар бар гирифт, ки заминаи ҷорӣ намудани низомӣ конститутсиониро фароҳам намуданд. Дар назди амир мақоми машваратии идораи давлатӣ – Шӯрои давлатӣ ташкил дода шуд, ки аъзои он ба таври мусовӣ аз намояндагони интихобгардида ва аз ҷониби шоҳ таъйингардида иборат буд.

Барои идораи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ вазоратхонаҳо ва мақомоти онҳо дар воҳидҳои маъмурии кишвар, аз ҷумла вазорати низомӣ, корҳои дохилӣ ва хориҷӣ, адлия, молия, маориф, кишоварзӣ ва ғайра ташкил дода шуданд. Тақсимоти нави ҳудудӣ-маъмурии кишвар гузаронида шуд, ки мутобиқи он Афғонистон аз 5 музофот - Кобул, Кандаҳор, Ҳирот, Мазори Шариф ва Қаттағану Бадахшон ва 4 вилоят – шарқӣ, ҷанубӣ, Фароҳ ва Маймана иборат буд. Дар навбати худ ин воҳидҳои маъмурӣ ба вулусволиҳо ва алоқадориҳо тақсим мешуданд.

Ислоҳоти ҳаёти сиёсии кишвар аз қадами қатъӣ дар роҳи таҳкими пояҳои низоми шоҳии мутлақ – қабули аввалин Қонуни асосӣ – «Низомномаи давлати олияи Афғонистон» дар таърихи 10 апрели соли 1923 оғоз гардид. Қонуни асосӣ истиқлолияти сиёсӣ, озодӣ ва баробарҳуқуқии шаҳрвандони Афғонистонро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва давлатӣ, новобаста аз мансубияти миллӣ, мазҳабӣ, вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ эълон намуд. Қонуни асосӣ эълом менамуд, ки озодии инсон аз таъқибот ва дахолати ғайриқонунӣ ҳимоя гардида, ҳеҷ кас бе қарори маҳкама ба ҳабс ва ҷавобгарӣ кашида намешавад.

Навсозии низоми пардохти андоз ва ҷорӣ намудани андози ягонаи пулӣ аз истифодабарии замин заминаро барои рушди муносибатҳои бозорӣ дар соҳаи кишоварзӣ мусоидат намуд. Агар қаблан ҳаҷми андози кишоварзӣ мутобиқ ба сифату вазъи замин аз 1/3 ҳисса то 1/16 ҳиссаи маҳсулоти ҷамъовардашударо ташкил медод, пас низомномаи давлатӣ барои ҳар ҷариб (0,2 га) андози ягонаи пулӣ муайян намуда буд. Супорандагони андоз дар идораҳои давлатӣ сабти ном ва муваззаф гардида буданд, ки молиёти давлатиро на ба ихтиёри хону маликҳо, балки ба буҷаи давлат пардохт намоянд. Гузариш ба андози пулӣ робитаи деҳқононро бо сармоядорон, тоҷирон ва сӯдхӯрон наздик ва барои рушди бозори дохилӣ мусоидат менамуд, аз тарафи дигар, аз ин баъд раванди коҳиши ҳаҷми андоз аз истифодаи замин оғоз ёфт, зеро меъёр ва ҳаҷми он бо низомномаҳои давлатӣ танзим мегардид. Ин дар навбати худ вазъи иқтисодии табақаҳои васеи кишоварзонро беҳтар менамуд.

Ҳамин тариқ, дар диссертатсия таъкид мегардад, ки дар давраи ҳукумати ҷавонафғонҳо бо сарварии шоҳ Амонуллохон барномаи васеи навсозӣ ва ис-

лоҳоти низоми давлатдорӣ, аз байн бурдани боқимондаҳои истеҳсолоти феодалӣ, дастгирии сармоядорони миллӣ, қабули низомнома ва қонунҳо ҷиҳати таъмини асосҳои ҳуқуқии рушди иқтисоди миллӣ ва саноати муосир роҳандозӣ гардид, вале шитобкорӣ ва нусхабардорию тақлиди кӯр-кӯронаи арзишҳои бегона ва муқобилияти сахти табақаи рӯҳониён сабаби шикасти сиёсати навсозии ҳукумати ҷавонафғонҳо гардид.

Дар **зербоби дувум – «Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 30-юм – аввали солҳои 40-ум»** масъалаҳои тағйир ёфтани вазъияти дохилии Афғонистон пас аз ба қудрат расидани Нодирхон, самтҳои асосии сиёсати ҳукумат дар давоми солҳои 30-ум ва нимаи аввали солҳои 40-ум, қабули Қонуни асосии Давлати Олияи Афғонистон (1931), ташкил ва фаъолияти мақоми доимоамалкунандаи қонунгузор (парламент) – Шӯрои миллӣ ва Маҷлиси аъён (Сенат), тавсеа ёфтани муносибат бо кишварҳои дигар пас аз дохил шудани Афғонистон ба Лигаи Миллатҳо (1934) ва ғайра баррасӣ гардидаанд.

Дар солҳои 1929–1933 моҳияти сиёсати ҳукумати Нодиршоҳ аз амалӣ намудани чораҳое буданд, ки дар барномаи интишорёфта дарҷ гардида буданд: ташкили тамоми умури давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ мутобиқ ба аҳкоми дини муқаддаси ислом ва мазҳаби ҳанафӣ; ташкили урдуи давлатӣ ва ифтитоҳи мактаби низомӣ; рушди муносибот бо давлатҳои хориҷӣ; дастгирии қишри меҳнаткаш; ба роҳ мондани почта, телефон ва телеграф; ташкили низоми давлатии молиёт ва гумрук; ба роҳ мондани тиҷорати хориҷӣ, рушди саноат ва сохтмони роҳи оҳан; ташкили илму маориф ва фановарии муосир; ташкили Шӯрои давлатӣ, ташкили Шӯрои вазирон ва таъсиси мансаби сарвазир ва ғ. Гарчи ҳукумат тарафдори мустаҳкам гардидани мавқеи доираҳои ҳукмрон ва нигаҳ доштани тартиботи анъанавӣ буда, дар асл зидди навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ буд, вале дар зери таъсири омилҳои беруна маҷбур буд дар кишвар як қатор дигаргунӣ ба амал барорад.

Ҳукумати Нодиршоҳ барои устувор гардонидани мавқеи заминдорони калон, сармоядорони миллӣ ва қишри болоии рӯҳониён чораҳо меандешид. Бо ин мақсад соли 1931 Қонуни асосии нави кишвар – «Усули асосии Давлати Олияи Афғонистон» қабул гардид, ки ҳокимияти олиро дар дасти подшоҳ мутамарказ гардонида, барои мустаҳкам намудани мавқеи табақаҳои сарватманди ҷомеа дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии мамалакат мусоидат менамуд. Навовари Қонуни асосӣ аз он иборат буд, ки имтиёзҳои иҷтимоии табақавии аз ҷомеаи феодалӣ меросмондаро бекор намуда, баробарҳуқуқӣ, озодии шахсӣ, махфӣ будани мукотибот, дахлнопазирии манзил ва дигар озодиҳои фардиро эълон намуд.

Мутобиқи мукаррароти Қонуни асосии соли 1931 парламенти кишвар аз ду палата (маҷлис) иборат буд. Маҷлиси Шӯрои Миллӣ ё Шӯрои халқӣ аз 171 вакил иборат буда, вакилони он аз тариқи интихоботи мустақим ба муддати се сол намояндагони тамоми воҳидҳои маъмурии кишвар – вилоятҳо ва музофотҳо, новобаста аз вазъи иҷтимоӣ интихоб мегарданд. Палатаи болоӣ – Маҷлиси аъён (Сенат) ва палатаи поёнӣ – Шӯрои миллӣ иборат буда, аксарияти вакилони Сенат аз намояндагони заминдорони калон, хону маликҳои қабилаҳо ва рӯҳониёни олимартаба иборат буда, ба сифати вакилони Шӯрои миллӣ акса-

ран намояндагони қишрҳои гуногуни сармоядорони миллӣ интихоб гардида буданд. Нодиршоҳ ҳамзамон сайъ мекард мавқеи мақомоти иҷроияро дар муқобили ҳокимияти қонунбарор мустаҳкам намояд.

Дар соҳаи ҳаёти иқтисодӣ иқдоми муҳимми ҳокимияти Нодиршоҳ таъсис додани Бонки миллии Афғонистон дар соли 1932 ба шумор мерафт, дар солҳои 30-40-ум барои мутамарказ гардонидани сармояи тиҷоратӣ нақши калон бозид. Самти дигари навсозии ҳаёти иқтисодии Афғонистон дар даврони ҳукмронии Нодиршоҳ барпо кардани низоми ягонаи молиявии кишвар буд. Яке аз мақсадҳои иқтисодии ҳукумати Афғонистон барпо ва тараққӣ додани бахши давлатӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ буд. Бахши давлатӣ барои ҳалли мушкилот дар роҳи рушди босубот ва устувори иқтисодӣ замина гардида, барои ба вуҷуд овардани соҳаҳои гуногуни саноати муосир мусоидат намуд. Маҳз аз тариқи вусъат бахшидани бахши давлатӣ дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди миллӣ дар солҳои 30-ум дар баробари дигар чорабиниҳои иқтисодӣ вазифаҳои муҳимми давлатӣ – паст кардани мавқеи ширкатҳои хориҷӣ дар бозори дохилӣ, барқарор намудани робитаҳои иқтисодӣ ва тиҷоратӣ бо кишварҳои хориҷӣ, рушди тиҷорати хориҷӣ ва ғайра роҳи ҳалли худро ёфта, барои рушди истеҳсолоти муосири саноатӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар арсаи сиёсати хориҷӣ ҳукумати Нодиршоҳ ба Британияи Кабир такя менамуд. Тағйир ёфтани вазъияти байналмилалӣ дар солҳои 30-ум, бахусус боло рафтани нақши давлатҳои ИМА, Олмон, Япония ва ғайра дар сиёсати ҷаҳонӣ ва заиф гардидани нақши Британияи Кабир барои сиёсати хориҷии Афғонистон пайомадҳои мусбат ба бор овард. Авҷи ҳаракати миллӣ-озодихоҳӣ дар Ҳинд низоми мустамликадории англисро такон дода, ҳукумати Британияи Кабирро барои тағйир додани ҳадафҳои сиёсати хориҷиаш водор сохт. Британияи Кабир дар муносибат бо Афғонистон аз сиёсати фишороварӣ ва зӯроварӣ даст кашида, бо роҳи муросо ва ба инобат гирифтани манфиатҳои Афғонистон муносибатҳои дутарафаро ба роҳ монда буд. Дар натиҷа, дар арсаи сиёсати хориҷӣ шароитҳои зарурӣ барои вусъат бахшидани раванди навсозии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада буд. Иқдоми муҳимми сиёсати хориҷии кишвар ба ҳайати Лигаи Миллатҳо шомил гардидани Афғонистон дар соли 1934 буд. Муносибатҳои Афғонистон бо давлатҳои дигари ҷаҳон баъд аз дохил шудани кишвар ба созмони бонуфузи байналмилалӣ рушду тавсеа ёфтанд.

**Боби дуввум – «Афғонистон баъд аз Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ ва идомаи раванди навсозӣ»** аз ду зербоб иборат буда**,** ба таҳлили вазъияти дохилӣ ва байналмилалии Афғонистон пас аз хотима ёфтани Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ, ки равандҳои навсозӣ дар ин давра тавсеа ёфта буданд, бахшида шудааст. Авҷ гирифтани ҳаракати миллӣ-озодихоҳии халқҳои Осиё ва собиқ мустамликаҳо сабабгори заиф гардидани мавқеи доираҳои иртиҷоӣ дар ҳаёти сиёсии Афғонистон гардид. Моҳияти равандҳои навсозӣ дар ин давраи тақдирсоз аз заиф гардидани мавқеи иртиҷои дохилӣ, сароғози ташаккули низоми бисёрҳизбӣ, ташкил ёфтани аҳзоби сиёсӣ, гузаронидани интихоботи мақоми воқеии қонунгузори доимамалкунанда ва ширкати фаъоли аҳзоби сиёсӣ, ҳаракатҳои васеи ҷамъиятӣ дар ин равандҳо иборат буд.

Дар зербоби якум – **«Таҳаввулоти ичтимоӣ-сиёсии охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум»** пайомадҳои Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ барои Афғонистон, шиддат гирифтани буҳрони иқтисодӣ, омилҳои дохилии авҷ гирифтани ихтилофоти иҷтимоӣ, идомаи равандҳои навсозии низоми давлатдории Афғонистон, қабули қонунҳои нав ҷиҳати татбиқи озодиҳои демократӣ дар ҳаёти ҷомеа ва барпо гардидани ҷараёнҳои мухолифи ҳукумат мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Буҳрони шадиди иқтисодӣ ва авҷ гирифтани ихтилофоти иҷтимоӣ доираҳои ҳукмрони Афғонистонро маҷбур ба тағйир додани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ намуданд, ки натиҷаи муҳимми он истеъфои Муҳаммад Ҳошимхон дар соли 1946 ва ба мансаби сарвазир таъйин гардидани амаки дигари шоҳ Шоҳмаҳмудхон гардид. Ҳукумати нав бо мақсади паст кардани шиддати ихтилофоти дохилии ҷомеа маҷбур ба гузарониданиислоҳот ва навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ, аз ҷумла ҷорӣ кардани озодиҳои демократӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гардид.

Яке аз тағйироти ҷиддӣ дар системаи сиёсии Афғонистон дар оғози ҳукумати Шоҳ Маҳмудхон қабули қонун дар бораи интихобот ба парламент буд, ки барои пайдо шудани аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ мусоидат намуд. Соли 1950 қонун дар бораи матбуоти озод қабул гардид, ки барои ташаккул ёфтани шабакаи васеи матбуоти озод мусоидат намуд ва аҳзоб ва созмонҳои мухолиф имконияти ташкили мақомоти нашриётӣ ва таблиғоти ҳадафҳои сиёсии худро пайдо карданд.

Моҳи декабри соли 1948 ҳукумати Шоҳмаҳмудхон дар бораи гузаронидани интихоботи давраи ҳафтуми Шӯрои Миллӣ эълон намуд, ки дар натиҷа намояндагони зиёиёни кишвар, собиқ ходимони намоёни давлатӣ ва ашхоси машҳур тавонистанд ба сифати номзад ба вакили мақоми қонунбарори кишвар сабт гарданд. Шӯро аз 171 вакил иборат буда, вакилони он аз лиҳози мавзеъгирии сиёсӣ асосан ба се гурӯҳ ҷудо мешуданд: зиёиён, ки асосан мухолифи давлат буданд; тарафдорони давлат ва ашхоси бетараф. Ба ин нигоҳ накарда иддаи вакилонро сарватмандон ва тоҷирони бузург, рӯҳониён, ходимони собиқи давлат ва намояндагони табақаҳои миёнаи ҷомеа ташкил медоданд.

Навгонии ҳаёти сиёсии кишвар дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум аз ташкил ёфтани аввалин созмонҳои ичтимоӣ ва аҳзоби сиёсӣ буд. Дар баробари ҷунбиши «Вишзалмиён» дар ин давра аҳзоб ва ҷараёнҳои дигари сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои «Ватан», «Халқ» ва созмонҳои ҷамъиятӣ, бахусус Иттиҳодияи донишҷӯёни Кобул ва ғайра ба фаъолият оғоз намуданд. Дар моҳи марти соли 1950 Сайид Исмоилхони Балхӣ ба ҳизби пинҳонии «Иттиҳод» асос гузошт. Маҳз дар ибтидои солҳои 50-ум дар давраи фаъолияти парламентӣ иддаи зиёди нухбагони намоёни сиёсии кишвар, ки дар таърихи нимаи дуввуми асри XX-и Афғонистон нақши калидии сиёсӣ бозӣ карданд, ба саҳнаи мубориразаҳои сиёсӣ ворид шуданд ва дар миёни онҳо Нурмуҳаммад Тараки, Бабрак Кормал, бародарон Маҳмудӣ, Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор, Мир Муҳаммад Сиддиқ Фарҳанг ва дигарон буданд.

Навсозии бузурги иқтисодӣ гузариш ба сиёсати танзими давлатии рушди иктисоди миллӣ буд. Барномаи иқтисодии ҳукумати Муҳаммад Довудхон аз тариқи амалӣ намудани сиёсати «иқтисоди идорашаванда» - муҳимтарин падидаи навсозӣ дар ҳаёти иқтисодии Афғонистон дар нимаи дуввуми асри XX иҷро шуд. Моҳияти сиёсати «иқтисоди роҳбаришаванда» аз он иборат буд, ки «соҳибони сармоя ва мақомоти давлатӣ мувazзаф буданд таҳти роҳбарии ҳукуматислоҳоти иқтисодӣ ба амал оваранд ва сармояи худро барои ба даст овардани ҳадафи муайян – боло бурдани ҳаҷми истеҳсолоти миллӣ сарф намоянд»[20]. Амалӣ намудани усули банақшагирӣ дар ташкил ва идоракунии тамоми соҳаҳои иқтисоди миллиро на танҳо мақомоти расмӣ, балки намояндагони мардумӣ дар мақомоти қонунгузор, фаъолони аҳзоби сиёсии мухолиф ва коршиносон тарафдорӣ менамуданд.

Бар асоси барномаи навсозии ҳукумати Муҳаммад Довудхон дар Афғонистон якчанд нақшаи панҷсолаи тараққиёти иктисодӣ қабул ва амалӣ гардида буданд: якум, солҳои 1956 – 1961; дуввум, 1962 – 1967 ва саввум 1967 – 1962 ва ғ. Дар натиҷаи амалӣ намудани ин нақшаҳои панҷсола дар солҳои 50-60-ум сохтмони НОБ Нағлу, Шабакаи обёрии Ҷалолобод бо неругоҳи обии барқӣ, бандарҳои интиқоли борҳо дар дарёи Панҷ-Омӯ, Корхонаи таъмири автомобилҳои Ҷангалак дар Кобул, роҳи автомобилгарди Ҳайратон-Мазори Шариф-Бағлон-Кобул бо нақби Соланг, роҳи автомобилгарди Кушка-Ҳирот-Қандаҳор, майдонҳои ҳавоӣ дар Кобул ва дигар шаҳрҳо, Корхонаи сохтмони хонаҳои Кобул, Корхонаи истеҳсоли орд дар Кобул, Корхонаи нуриҳои минералӣ дар Мазори Шариф ва ғайра оғоз ва ба охир расонида шуд, ки таҳкурсии иқтисоди замонавии Афғонистонро ташкил доданд. Кишварҳои Чехословакия ва Руминия дар кашф ва истихроҷи нафту гази минтақаҳои шимолии Афғонистон ва сохтмони корхонаҳои истеҳсоли семент дар Ҷабулу-с-сироҷ ва Пули Хумрӣ ширкат менамуданд.

Дастоварди бузурги Афғонистон дар ин марҳилаи навсозии кишвар эълони сиёсати хориҷии бетараф, ширкати кишвар дар ҳаракати ба блокҳои низомӣ-сиёсӣ ҳамроҳнашавӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои васеи иқтисодию техникӣ ба кишварҳои Ғарб ва паймони сотсиалистӣ буд. Ҷалби маблағи 1 млрд. доллари амрикоӣ аз ИМА ва ИҶШС имкон дод, ки зербинои иқтисоди миллӣ барпо карда шуда, ҳаҷми истеҳсолот зиёд гардад, тиҷорати хориҷӣ афзоиш ёфта сатҳи некуаҳволии табақаҳои васеи аҳолӣ боло равад ва Афғонистон дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи худро устувор намояд.

Дар **зербоби дувум – «Рушди парламентаризм дар ибтидои солҳои 50-ум ва нақши он дар навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мамлакат»** таҷрибаи ташаккул ва фаъолияти парламент, мақоми қонунбарори кишвар дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум мавриди баррасӣ қарор гирифта аст.

Парламент ҳамчун мақоми қонунгузори давлатӣ дар Афғонистон дар давраи ҳукмронии Амонуллохон пайдо шуда, дар ибтидо Шӯрои давлатӣ ном дошт. Мутобиқи муқаррароти Қонуни асосии кишвар – Усули асосии давлати олияи Афғонистон Шӯрои давлатӣ салоҳиятҳои зиёд дошт, гарчи тамоми

[20] Анис, 25 хути соли 1344 (16 феврали соли 1964).

асноди ҳуқуқӣ ва расмии дар он муҳокима ва қабулгардида, бояд аз тарафи шоҳ тасдиқ мегардиданд ва танҳо пас аз ин ҳукми қонунӣ мегирифтанд.

Дар давраи ҳукмронии Муҳаммад Нодиршоҳ, пас аз гузаронидани Лӯйя Ҷиргаи соли 1930 ва қабули Қонуни асосии нав дар соли 1931 доираҳои ҳукмрон ба ташкили Шӯрои давлатӣ розӣ гардиданд. Ташкили ин мақоми нав бояд обрӯй ва эътибори кишварро дар арсаи ҷаҳонӣ боло мебурд, зеро доираҳои муайян, аз ҷумла дар хориҷи кишвар легитимияти ҳокимияти ӯро зери шубҳа мегузоштанд. Дар ин давра, ки низоми давлатии ташкилдода хусусияти авторитарӣ дошт, Шӯрои давлатӣ ҳамоно мақоми машваратӣ боқӣ мемонд ва «бештари аъзои Шӯрои Миллӣ мансубшудагони шоҳ ва ё имол (тавсияшудагон – Б.Б.)-и ӯ буданд» . Чунин вазъият дар давраи ҳукмронии Нодиршоҳ ва қисман дар давраи Зоҳиршоҳ то соли 1951 бетағйир боқӣ монда буд. Салоҳиятҳои Шӯрои Давлатӣ мутобиқи муқарраroти моддаҳои 41-56 Қонуни асосии соли 1931 аз инҳо иборат буданд: таҳия ва қабули қонунҳо ва аснодҳои ҳуқуқӣ-маъмурии танзимкунандаи фаъолияти ҳукумат, тасдиқ намудани буҷаи давлатӣ, созишнома ва муоҳидаҳои байналмилалӣ, муайян намудани ҳуқуқи истисноии давлат дар масъалаи содироти молу амвол, таҳия ва қабули  қарор дар бораи сохтмони лоиҳаҳои бузурги иқтисодӣ ва ғ.

Соли 1948 доираҳои ҳукмрон дар бораи гузаронидани интихоботи Маҷлиси Миллии даъвати ҳафтум (1949–1951) қарор қабул намуданд, ки як идда равшанфикрони кишвар дар Кобул ва ҳавзаҳои интихоботии вилоятҳои кишвар номзадии худро гузошта, овози аксарияти интихобкунандагонро соҳиб гашта, ба мақоми қонунгузорӣ роҳ ёфтанд. Мутобиқи маълумоти Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум аз 171 вакил интихоб гардид. Вакилони интихобшуда аз лиҳози мавзеъгирии сиёсӣ ба се гурӯҳ тақсим мешуданд: равшанфикрони муборизи муқобили давлат, гумоштагони давлат ва вакилони бетараф; аз лиҳози баромади иҷтимоӣ бошад вакилонро метавон чунин таксимбандӣ намуд: пешвоён ва маликони бузург, тоҷирони калон, рӯҳониён, равшанфикрони баромадашон аз табақаҳои миёна ва поён, мансабдорони собиқи давлатӣ ва низомӣ, ашхоси намоёни маҳаллӣ ва ғ.

Аз лиҳози мансубияти ҳизбӣ вакилони мухолифи низоми ҳоким ба чанд ҳизбу ҷараёнҳои сиёсӣ тааллуқ доштанд, ки дар нимаи дуввуми солҳои 40-ум ва аввали солҳои 50-ум ташкил ёфта буданд: аз ҳизби «Ватан» - Мир Ғулом Муҳаммад  Ғубор, Саид Муҳаммад Деҳқони Кишмӣ, Сахӣ Амин Душӣ ва Муҳаммад Зоҳир Ғазнавӣ; аз ҳизби «Халқ» - доктор Абдураҳмон Маҳмудӣ, Холмуҳаммад Хаста ва Нур Алам Мазлумёр; аз созмони «Вишзалмиён» - Гул Почо Улфат ва Нур Муҳаммад Панҷвоӣ; вакил аз ҳавзаи Сурх Порсо Саид Исмоил аъзои ҳизби пинҳонии «Иттиҳод» буд. Бинобар маълумоти Мир Ғулом Муҳаммад Ғубор теъдоди умумии вакилони мухолифи ҳукумат «ба панҷоҳ нафар мерасид» , ки дар баррасии масоили муҳимми ҳаёти кишвар пуштибонии аксарияти вакилони Шӯрои Миллиро ба даст меоварданд. Маҳз ҳамин вакилони Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум дар роҳи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва мубориза ба муқобили зулму истибдоди низоми иртиҷоии ҳукмрон воқеан роҳи наверо дар ҳаёти дохилӣ ва сиёсии Афғонистон кушода, барои устувор гардонидани низоми парламентӣ қадами аввалро гузоштанд.

Дар давоми се соли фаъолияти Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум (1949 – 1951) даҳҳо масъалаҳои вобаста ба низоми давлатдорӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, соҳаи тандурустӣ ва дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоиро мавриди муҳокима қарор дода, борҳо амалҳои ғайриқонунӣ ва ҷинояти аъзои ҳукуматро фош намуда буд. Бори аввал дар Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум масъалаи изҳори нобоварӣ ба кабинети вазирон ба миён гузошта шуд, ки ба қавли Ғубор «ларза дар андоми дастгоҳи истибдод ва иртиҷоъ андохт» ва дар таърихи Афғонистон собиқа надошт. Ҳамчунин муҳокима ва қабули «Қонун дар бораи матбуот» роҳро барои озодии баён дар кишвар ҳамвор кард.

Вакилони Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум ба масъалаи вазъи деҳот ва сиёсати давлат дар соҳаи кишоварзӣ таваҷҷуҳ намуда, дар баробари маҳкум кардани амали истифодаи артиш дар мубориза ба муқобили норозигии деҳқонон, дар масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ пешниҳодҳои ҷиддӣ менамуданд. Вакилони Шӯрои Миллӣ ва намояндагони табақаи зиёиён манфиатҳои қишрҳои поёнӣ ва миёнаи сармоядорони деҳот, ки раванди ташаккулро аз сар мегузарониданд, ҳимоя менамуданд. Намояндагони доираҳои миёнаи сармоядорони миллӣ дар парламент низ талаботи деҳқононро дастгирӣ менамуданд.

Бояд таъкид намуд, ки дар маҷлиси Шӯрои Миллӣ муҳокима кардани буҷаи давлат падидаи нав дар низоми давлатдории Афғонистон буд, зеро пас аз соли 1929 дар таърихи кишвар ҳеҷ гоҳ масъалаи даромади буҷа ва бахшҳои асосии масрафи он муҳокима нагардида буд ва ҳукумат тамоми масрафи буҷаро махфӣ нигоҳ медошт.

Ибтикори дигари вакилони Шӯрои Миллӣ ташкили Комиссияи махсуси муштарак ҷиҳати таҳия, муҳокима ва қабули буҷаи давлатӣ буд, ки вазифаи он пайдо кардани сарчашмаҳои маблағҳои молиявӣ аз ҳисоби андозҳои ҷории давлатӣ барои пардохти тафовут миёни нархҳои харид ва арзиши бозории маҳсулоти кишоварзии ниёзи давлат буд.

Дар маҷлисҳои Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум вакилони мустақил фаъолияти ширкати амрикоии «Морисон-Надсен»-ро, ки дар сохтмони шабакаии обёрии вилояти Ҳилманд нақши калидӣ дошт, аз нуқтаи назари танқидӣ баррасӣ намуда, берун аз мақсад истифода бурдани воситаҳои буҷаи давлатӣ, сӯистифодаи масъулони соҳа аз воситаҳои молиявиро ошкор намуданд. Бо пешниҳоди вакилони Шӯрои Миллӣ барои сӯиистифода аз мансаб ва изофаравӣ дар муносибат байни ҳукумат ва ширкати амрикоӣ, ки ҳамасола масорифи иҷрои ин лоиҳаро беасос афзоиш медод, се аъзои ҳукумат – Муҳаммад Кабир Лудин – вазири фавоиди омма (корҳои ҷамъиятӣ – Б.Б.), Абдул Маҷид Зобулӣ – вазири иқтисод ва Ҳайдар Ҳусайнӣ – вазири молия «маҳкум ба муҳокима дар Девони Олӣ (Суди Олӣ – Б.Б.) гардиданд» .

Соли 1954 Низомнома «Дар бораи сармоягузориҳои хориҷӣ дар Афғонистон» қабул гардид, ки дар он бори аввал масъалаҳои кафолати давлатии истифодаи сармоягузориҳои хусусии хориҷӣ танзим гардида буданд. Гарчи ширкатҳои хориҷӣ, мутобиқи муқаррароти ин низомнома, дар муқобили ширкатҳои дохилӣ ҳеҷ имтиёз надоштанд ва соҳаи фаъолияти онҳо каме маҳдуд буд, ширкатҳои хориҷӣ метавонистанд дар соҳаҳои «коркарди

маъданҳои кӯҳӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ, нақлиёт, хоҷагии манзилӣ, асосан дар шакли мушорикат бо ширкатҳои дохилӣ, ки ҳуқуқи назорати бештар аз 50% сармояҳои муштаракро доштанд, ширкат намоянд» .

Ҳамин тавр, метавон хулоса намуд, ки таҷриба рушди парламентаризм дар Афғонистон, ки дар воқеъ, давраи барқарор гардидани он ҳамчун мақоми қонунгузор дар низоми давлатдории кишвар ба солҳои 1949 – 1951, ба давраи фаъолияти Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум рост омада буд, дигар дар солҳои баъдӣ идома надошт. Ба ин нигоҳ накарда, бори аввал дар таърихи муосири Афғонистон дар натиҷаи таъсири омилҳои дохилӣ – рушди андешаҳои озодихоҳӣ дар байни табақаҳои меҳнаткаши аҳолӣ ва нотавонии доираҳои ҳукмрон дар мавриди нигоҳ доштани мавқеи худ дар чорчӯбаи арзишҳои анъанавии давлатдорӣ, аз тарафи дигар дар шароити тағйир ёфтани вазъи байналмилалӣ дар солҳои баъд аз Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ ва боло рафтани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳии халқҳои Шарқ, дар ҳаёти дохилии кишвар марҳилаи нави навсозӣ оғоз ёфт. Яке аз пайомадҳои асосии ин марҳилаи навсозӣ ба вуҷуд омадани шароити мусоид барои фаъолияти мақоми қонунгузори Афғонистон - Шӯрои Миллӣ ба шумор меравад.

**Боби сеюм – «Навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ дар солҳои 60-70-ум»** аз ду зербоб иборат буда дар, он масъалаҳои вазъияти дохилӣ ва байналмилалии Афғонистон дар солҳои 60-ум, қабули Қонуни асосии соли 1964, ташкил ва фаъолитяи аҳзоби сиёсӣ ва нашри матбуоти озод таҳлил ва баррасӣ гардиданд.

Дар **зербоби аввал – «Қабули Конститутсияи соли 1964 ва таъмини заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқии навсозӣ»** раванди таҳия ва қабули Қонуни асосии соли 1964, ки заминаро барои идомаи равандҳои навсозӣ муҳайё намуда буд, баррасӣ гардидааст.

Дар аввалҳои солҳои 60-уми асри XX ҷомеаи Афғонистон ба гузаронидани тағйироти ҷиддӣ ва навсозии ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ зарурат дошт. Ин вазъиятро М. Довуд, ки вазифаи сарвазири кишварро аз соли 1953 ба уҳда дошт, ҷиддан эҳсос мекард. М. Довуд дар номаҳои худ ба М. Зоҳиршоҳ соли 1962 зарурати амалӣ намудани ислоҳотро таъкид намуда, барномаи амалӣ сохтани ислоҳотро пешниҳод намуд. Нақшаи М. Довуд аз он иборат буд, ки агар ислоҳот аз боло гузаронида шавад, ҳукумат метавонад назоратро аз болои равандҳои сиёсию ҷамъиятӣ дар даст дошта бошад.

Дар бораи барномаи М. Довуд, М.С. Фарҳанг менависад, ки «ин барнома бар ду нуктаи асосӣ бино ёфта буд: 1) табдили ҳукумати шахсӣ ба ҳукумати ҳизбӣ бар мабнои ташкили ҳизби воҳид ва супурдани тамоми салоҳият ба он; 2) манъи аъзои хонаводаи шоҳӣ, ки худаш ҷузъи он шумурда намешуд, аз мудохила дар корҳои сиёсии мамлакатдорӣ»[21] .

Дар масъалаи ташкили ҳизбҳои сиёсӣ назари подшоҳ аз нақшаи М.Довуд фарқ мекард. Зоҳиршоҳ ҷонибдори системаи сиёсии бисёрҳизбӣ буд, аммо ба ташкили ҳизбҳое мувофиқ буд, ки мухолиф бо арзишҳои исломӣ ва низоми шоҳӣ набошанд. Дар фарқият аз андешаи подшоҳ

[21] Фарҳанг, М.С. Афғонистон дар панҷ қарни ахир [Матн] /М.С. Фарҳанг. –Теҳрон: Ирфон, 1995. – Ҷ.2. - С. 697.

М.Довуд, гарчанде дар бораи таъсиси низоми дуҳизбӣ мувофиқ буд, аммо ба назари ӯ, ба далели бетафовутии мардум ба низоми парламентӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ бояд корро аз ҳукумати якҳизбӣ оғоз кард.

Ҳодисаҳои баъдӣ нишон доданд, ки подшоҳ баъди истеъфои М. Довуд дар соли 1963 ҷараёни ислоҳот ва навсозии сиёсию иҷтимоии Афғонистонро суръат бахшид. Як вижагии ин марҳилаи навсозии Афғонистон аз он иборат буд, ки худи подшоҳ дар идораи кишвар саҳми фаъол гирифт.

Қадами аввалини ҳукумати нав бо сарварии М. Юсуф аз ташкили кумитаи 7-нафарии таҳияи Қонуни асосӣ буд, ки 28 марти соли 1963 эълон гардид. Ба ҳайати Кумита Саид Шамсиддин Маҷруҳ, вазири адлия, раиси кумита; Саид Қосими Риштиё, вазири матбуот; Доктор Мир Наҷмиддин Ансорӣ; Доктор Абдулсамад Ҳомид; Муҳаммад Мӯсо Шафиқ; Ҳалилуллоҳ Алӣ; Мир Муҳаммад Сиддиқи Фарҳанг шомил буданд[22].

Луйя Ҷиргаи охири сентябр – аввали октябри соли 1964 мелодӣ дар шаҳри Кобул ба иштироки 452 нафар вакил доир шуд ва ҳадафи асосии он муҳокима ва Қабули Қонуни асосӣ (Конститусия)-и Афғонистон буд. Қонуни асосӣ дар маҷмӯъ аз тарафи вакилон қабул шуд, ки заминаи хуби ҳуқуқиро барои азнавсозии Афғонистон фароҳам овард. Тибқи Қонуни асосии соли 1964 Афғонистон давлати шоҳии машрута (конститутсионӣ) эълон карда шуда, рукнҳои асосии ҳукумат, шӯрои миллӣ ва қазо (суд) ва қувваи иҷроя аз ҳам ҷудо шуданд. Ҳукумат аз садри аъзам (сарвазир) ва вазирон иборат буда, дар назди Шӯрои миллӣ (парламент) масъул буд, сиёсати дохилӣ ва хориҷии худро аз назари Шӯрои миллӣ гузаронида, эътимоди онро ҳосил мекард ва дар сурати ба даст наовардани эътимод истеъфо медод. Шӯрои миллӣ аз ду маҷлис (палата) иборат буд: Вулуси ҷирга (Шӯрои намояндагон) ва Мишрону ҷирга (Шӯрои аъён, ё Сенат). Аъзоёни Шӯрои миллӣ тавассути интихоботи озод, умумӣ, пинҳонӣ ва мустақим аз тарафи мардум барои 4 сол интихоб карда мешуданд. Сеяки аъзоёни Шӯрои аъён (Сенат) аз тарафи подшоҳ таъйин мешуданд, аз се ду ҳиссаи дигар дар ҷиргаҳои вилоятӣ ва интихоботи озоди аҳолии ҳар вилоят интихоб мешуданд. Барои интихоби аъзоёни Шӯрои миллӣ шарти синну соли 25-30 солагӣ, хондан ва навиштан, шаҳрванди Афғонистон будан пешбинӣ шуда буд. Тасдиқи қонунҳо, буҷаи давлатӣ, нақшаҳои инкишофӣ, иҷозаи нашри пул, гирифтани қарзи хориҷӣ, ҷорӣ кардани андозҳои нав ва кам кардани ҳаҷми онҳо марбут ба салоҳияти Шӯрои миллӣ буд. Як рукни мустақили давлатро қувваи қазоия (судӣ) ташкил медод, ки аз Стара маҳкама (Суди олӣ) ва судҳои дигар иборат буд. Аъзоёни Суди олӣ аз 9 нафар иборат буданд, ки барои муддати 10 сол аз байни шахсиятҳое, ки синни 35-солагиро такмил карда, ҳаққи интихоб шудан ба Шӯрои миллиро дошта бошанд ва аз илми ҳуқуқшиносӣ ва вазифаҳои миллӣ ба хубӣ бархӯрдор бошанд, аз тарафи подшоҳ таъйин карда мешуданд.

Қонуни асосии соли 1964 гарчанде аз ноқисиҳо холӣ набуд, аммо дар байни кишварҳои исломӣ қонуни асосии беҳтарин буд. Баъд аз Қонуни асосӣ ҳаёти сиёсию иҷтимоии мамлакат хеле зинда шуд. Акнун сарвазирҳо

[22] Ҳамон ҷо. – С. 714.

аз парламент раъйи эътимод мегирифтанд. Масалан, М. Юсуф натавонист аз парламент раъйи эътимод бигирад ва маҷбур шуд ба истеъфо биравад. Сарвазирони дигар ҳам зери фишори афкори гурӯҳҳои сиёсӣ кор мекарданд ва баъзан, наметавонистанд тоб биёваранд. Ба қавли Шарофиддин Имом, Қонуни асосии соли 1964 "оғози марҳалаи ниҳоят муҳим ва ҳатто сифатан нав дар таҳаввули ҷомеаи Афғонистон буд»[23] . Ҳамин тавр, Қонуни асосии соли 1964 роҳро барои навсозии сиёсии кишвар ҳамвор сохт.

Дар **зербоби дуввум – «Нақши аҳзоби сиёсӣ ва матбуоти озод дар равандҳои навсозӣ»** натиҷаҳои таҳқиқи вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар нимаи дуввуми солҳои 60-ум ва аввали солҳои 70-ум давраи фаъол гардидани аҳзоби сиёсӣ ва афзоиш ёфтани теъдоди нашрияҳои озод ба шумор рафта, аз мавқеи тарафдори суръат бахшидани раванди навсозӣ ва ислоҳот баромад мекарданд, оварда шудаанд.

Моддаи 32 Қонуни асосӣ ба шаҳрвандони Афғонистон иҷозат медод, ки дар асоси муқаррароти «Қонун дар бораи аҳзоби сиёсӣ» ҳизбҳои сиёсӣ ташкил намоянд. Ин қонун соли 1967 аз тарафи парламент тасдиқ гардид ва барои ҳукми қонунӣ пайдо карданаш бояд аз тарафи подшоҳ имзо мешуд. Аммо подшоҳ, эҳтимолан аз фаъолияти озоди аҳзоби сиёсӣ эҳсоси хатар менамуд ва аз ин ҷиҳат қонуни тасдиқшударо имзо накард. Гарчанде қонун аз тарафи подшоҳ имзо нашуд ва ҳукми қонунӣ нагирифт, даҳҳо ҳизбу созмонҳои сиёсӣ арзи вуҷуд намуданд ва ҳаёти сиёсии кишварро пурҷӯшу хурӯш сохтанд. Дар асоси қонуни матбуот нашри рӯзномаю ҳафтаномаҳо оғоз гардид, ки аксаран ба органҳои нашриётии ин ҳизбҳо табдил шуданд.

Дар аввали солҳои 60-ум, ҳатто пеш аз қабули Қонуни асосӣ доираҳову гурӯҳҳои мухталиф дубора дар талоши ташкили ҳизбҳои сиёсӣ шуданд. Аммо ин раванд баъд аз таҳия ва қабули Қонуни асосӣ шакли муназзамро ба худ гирифт. Дар Моддаи 32-и Қонуни асосии соли 1964 омада буд: «Атбои Афғонистон ҳақ дорад мутобиқ ба аҳкоми қонун аҳзоби сиёсӣ ташкил диҳад машрут бар ин ки: 1) Ҳадафи фаъолиятҳои ҳизб ва мафкураҳое, ки ташкилоти аҳзоб ба рӯи он бино шуда, манокизи арзишҳои мундариҷи ин Қонуни асосӣ набошад; 2)Ташкилот ва манобеи ҳизб аланӣ (равшан) бошад»[24]. Ин муқаррароти конститутсионӣ ба фазои навсозии солҳои 60-ум пурра созгор буд. Баъд аз қабули Қонуни асосӣ ҷараёнҳои гуногун бо идеологияҳои мухталиф ба саҳнаи сиёсии Афғонистон ворид шуданд ва бо истифода аз озодии матбуот ба нашри рӯзномаҳо пардохта, ақидаҳои худро дар ҷомеа пахш мекарданд.

Дар нимаи дуввуми солҳои 60-ум ба саҳнаи сиёсии Афғонистон якчанд ҳизбу ҷараёнҳои сиёсӣ ба вуҷуд омада, ба фаъолият оғоз намуданд, ки дар рушди озодиҳои демократӣ ва навсозии кишвар саҳм доштанд: Ҳизби

---

[23]Имом, Ш. Нигоҳе ба таърихи тоҷикони Афғонистон дар нимаи дуввуми қарни XIX ва қарни XX [Матн] /Ш. Имом. - Душанбе, 2013. – С. 180.

[24] Ниг.: Қонуни асосии Афғонистони асри Зоҳиршоҳ (9 мизони соли 1343 ҳ.ш.) //Аз Амонулло то Карзай. Аз соли 1303 ҳ.ш. то соли 1372 ҳ.ш. Назариёт ва баррасиҳо, қавонини асосии Афғонистон ва бархе қавонин ва мисоқҳои ҷаҳонӣ [Матн]. – Кобул: Кова, 2004. – С. 281.

халқӣ-демократии Афғонистон (ҲХДА); созмони «Халқи коргар»; «Маҳфили интизор»-и Тоҳири Бадахшӣ; «Ҷавонони мутараққӣ»-и Ҳодии Раҳим Маҳмудӣ, ки баъдан, бо номи «Шуълаи ҷовид» ва «Ҳизби демократики навин» фаъолият намуд; ҳизби «Ҷамъияти авом»-и Абдул Карими Фарзон; ҳизби «Ҷабҳаи миллӣ»-и адиби барҷастаи Афғонистон Халиллулоҳи Халилӣ; «Ҳизби демократияи мутараққӣ»- и нахуствазири собиқ М. Ҳ. Майвандвол; «Ҳизби сотсиал-демократӣ» («Афғон миллат») бо сарварии инженер Ғ. М. Фарҳод; «Ҷамъияти исломии Афғонистон» таҳти роҳбарии Б. Раббонӣ; «Ҳизби исломии Афғонистон»бо сарварии Г. Ҳикматёр ва ғ.

Матбуоти озод дар навсозии зиндагии сиёсию иҷтимоии Афғонистон дар солҳои Даҳсолаи Қонуни асосӣ (1964-1973) нақши муҳим ва муассир дошт. Матбуоти озод баъди қабули «Қонуни матбуот» зуҳур кард ва ба зудӣ нерӯи муассир ва муҳаррики ҷомеа гардид. Дар ин давра маҷмӯан 31 нашрияи ғайридавлатӣ бунёдгузорӣ шуданд, ки равиши гуногуни сиёсӣ, иҷтимоию фарҳангӣ доштанд ва дар байни онҳо 7 нашрияи зерин органҳои ҳизбҳои сиёсӣ ба шумор мерафтанд: «Ваҳдат» - нашрияи Ҳизби Ҷабҳаи миллӣ; «Афғон-миллат» - нашрияи Афғон сотсиал-демократ; «Халқ» - нашрияи Ҳизби Демократии Халқи Афғонистон; «Парчам» - нашрияи ҷиноҳи «Парчам»-и Ҳизби Демократии Халқи Афғонистон; «Мусовот» – нашрияи «Ҳизби демократияи мутараққӣ»; «Садои авом» - нашрияи ҳизби «Ҷамъияти авом»; «Шуълаи ҷовид» - нашрияи «Ҷараёни Шуълаи ҷовид» («Ҳизби демократияи нав») ва ғ.

## 1.Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои навсозии иҷтимоӣ-иқтисодии Афғонистон дар солҳои 1933-1973 хулосаҳои зерин ба даст оварда шудаанд:

1. Дар давоми асри XX дар ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии Афғонистон тағйиротҳои куллӣ ба амал омада буданд, ки заминаро барои гузаштан аз ҷомеаи асримиёнагии феодалӣ ба ҷомеаи муосири демократӣ фароҳам оварданд. Дар Афғонистон гузариш ба ниҳодҳои муосири давлатдорӣ – тақсими ҳокимияти сегонаи давлатӣ, низоми парламентӣ, бисёрҳизбӣ ва фаъолияти матбуоти озод иборат буда, равандҳои мазкур ба таври номураттаб давра ба давра ба амал омада аст.

Дар ҳар марҳилаи таърихӣ доираҳои ҳукмрони кишвар сиёсати навсозӣ ва ислоҳотҳои иҷтимоӣ-сиёсиро дар чорчӯбаи таҳаввули ҷомеаи анъанавии шарқӣ, дар партави дигаргуниҳои дар дохил ва хориҷӣ кишвар ба амал омада мегузарониданд, ки моҳияти онҳоро равандҳои ба кишварҳои дигари Осиё хос буда – ба даст даровардани истиқлолияти давлатӣ, ба роҳ андохтани ислоҳоти соҳаҳои гуногуни давлату ҷомеа бо мақсади таъмини рушди устувори иқтисодӣ, барпо намудани асосҳои иқтисоди миллӣ, ҷалби сармояхои хориҷӣ, ташкили ниҳодҳои муосири давлатдорӣ, аз байн бурдани камбизоатӣ, бесаводии оммаҳои васеи аҳолӣ ва тадриҷан боло бурдани некуаҳволии мардум ташкил медоданд. Тамоми таърихи сад соли охири Афғонистон аз он шаҳодат медиҳад, ки пас аз касби истиқлолияти давлатӣ дар соли 1919 то имрӯз кишвар

марҳилаи гузариш аз ҷомеаи анаъанавии феодалӣ ба низоми сармоядориро аз сар мегузаронад [1-М].

2. Ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ барои амалӣ намудани сиёсати навсозӣ ва ислоҳот аҳаммияти бузурги таърихӣ дошт. Ҳукумати ҷавонафғонҳо бо сарварии шоҳи тараққихоҳ ва ислоҳотпарвар Амонуллохон бо мақсади навсозии низоми давлатдорӣ, судӣ, ниҳодҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, бахусус амалӣ намудани сиёсати мустақилонаи хориҷӣ ташаббускори гузаронидани ислоҳотҳои амиқ дар тамоми соҳаҳои ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ гардид.

Сиёсати навсозӣ ва ислоҳоти ҳукумати Амонуллохон ҳадафмандона ва дар ду давра гузаронида шуд: дар давраи аввал, ки солҳои 1919 – 1924 амалӣ карда шуд, асосҳои ҳуқуқии ислоҳот таъмин гардиданд. Мутобиқи Конститутсияи соли 1924 ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, баробарҳуқуқии тамоми шаҳрвандон, намояндагони тамоми миллату халқиятҳо эълон гардида, Шӯрои давлатӣ таъсис дода шуд ва мақоми иҷроияи ҳокимияти давлатӣ – Кабинети вазирон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барпо карда шуданд. Дар марҳилаи дуввум дар арсаи сиёсати хориҷӣ ҳукумати Афғонистон бо кишварҳои ҳамсоя ва пешрафтаи ҷаҳон робитаҳои дипломатӣ барқарор карда, бо мақсади тасеаи навсозӣ ва ислоҳот шартномаҳои тиҷоратӣ ба имзо расида, аз ҳисоби кумакҳои хориҷӣ таҷҳизоту дастгоҳҳои замонавии саноатӣ ба Афғонистон ворид карда шудаанд [1-М].

3. Камбудии асосии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар давраи ҳукумати Амонуллохон аз он иборат буд, ки тақлид ва нусхабардории намунаҳои ғарбии навсозӣ ба ҳаёти воқеии ҷомеаи Афғонистон созгор ва ҷавобгӯ набуданд. Шитобкорӣ дар тағйир додани моҳияти арзишҳои анъанавӣ боиси сар задании норозигӣ ва баромадҳои зиддиҳукуматӣ гардида, ниҳоят сабабгори нокомии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот шуданд. Дар асл ба ноком гардидани ҳукумати Амонуллохон се омили асосӣ сабабгар буданд: *объективӣ* – вуҷуд надоштани заминаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ барои амалӣ намудани сиёсати навсозӣ, маҳдуд будани пойгоҳи иҷтимоии ҳавасманди ислоҳот, заиф будани асоси молиявӣ, бетафовутии табақаҳои меҳнаткаш нисбат ба ислоҳот, бесаводӣ ва нуфузи номаҳдуди руҳониён дар байни аҳолӣ, шитобкорӣ дар амалӣ намудани ислоҳот ва ғ., ки ҳамаи ин омилҳо моҳияти объективӣ доштанд; *субъективӣ* – мутобиқ набудани мақсади ислоҳот бо вазъияти дохилии кишвар, истифодаи ниҳодҳои давлатӣ дар амалӣ намудани сиёсати маҷбуркунӣ, ба сари мардум бор кардани арзишҳои бегона, нусхабардории кӯркӯронаи таҷрибаи ғарбӣ, ба инобат нагирифтани омили динӣ ва ғ.; *омили беруна* – дастгирӣ ва ҳамовозӣ пайдо накардани сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар арсаи байналмилалӣ, фаъолияти густурда ва тахрибкоронаи мустамликадорони англис, ки нерӯҳои сиёсӣ ва руҳониёни иртиҷоиро дастгирӣ карда, боиси сар задании норозигии оммавӣ гардида буд.

Таҷрибаи амалӣ намудани сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар солҳо 1919 – 1929 бесамар набуд, зеро наслҳои ояндаи тараққихоҳони Афғонистон онро сармашқи фаъолияти худ карда, дар марҳилаҳои минбаъдаи таърихи кишвар

ҷанбаҳои мусбат ва манфии сиёсати навсозиро мавриди назар қарор доданд [1-М].

4. Дар давраи аввали ҳокимияти Муҳаммад Зоҳиршоҳ, ки солҳои 1933 – 1946-ро дар бар мегирифт, роҳбарии кишвар дар дасти бародарони Нодиршоҳ – Муҳаммад Ҳошимхон, Муҳаммад Валихон, Шоҳ Маҳмудхон ва дигар наздикони шоҳи ҷавон буд. Ин давра дар таърихи Афғонистон ҳамчун давраи «иртиҷои бузург» машҳур аст, зеро доираҳои ҳукмрон пас аз ба сари ҳокимият омадани ҳукумати миллатгаро сиёсати фишороварӣ ва таъқибкунӣ дар ҳаёти дохилии кишварро амалӣ намуда, ба муқобили ҳар гуна зуҳуроти идеяҳои озодихоҳӣ ва демократӣ ва тарафдорони онҳо муборизаи оштинопазир мебурд[3-М].

Ба ин нигоҳ накарда, дар давоми солҳои 30 ва нимаи аввали солҳои 40-ум дар ҳаёти иқтисодии кишвар ду падидаи мусбӣ – тиҷорати хориҷӣ, ки қаблан дар зери назорати ширкатҳои хориҷӣ буд, тадриҷан ба таҳти назорати сармояи миллӣ дохил шуда, дар иқтисоди кишвар бахши давлатӣ мавқеи худро мустаҳкам менамуд. Дастоварди калони иқтисодӣ ва иҷтимоии Афғонистон дар солҳои 30-ум ташкили шабакаи умумиафғонии роҳҳои автомобилгард буд, ки барои рушди муносибатҳои иқтисодӣ байни вилоятҳои мамлакат ва ташаккули бозори умумии дохилӣ заминаи устувор гузошт. Дохил шудани Афғонистон дар соли 1934 ба ҳайати созмони бонуфузи байналмилалӣ – Лигаи Миллатҳо барои барқарор гардидани муносибатҳои сиёсӣ-дипломатӣ бо кишварҳои мухталифи ҷаҳон мусоидат намуд ва бо дастгирии доираҳои васеи байналмилалӣ дар арафаи Ҷанги Дуввуми Ҷаҳонӣ Афғонистон дар бораи сиёсати бетарафӣ эъломия пахш намуд.

5. Пас аз Ҷанги дуввуми ҷаҳонӣ дар шароити авҷ гирифтани ҳаракатҳои миллӣ-озодихоҳӣ дар аксари кишварҳои Осиё, аз ҷумла дар Ҳиндустон ва таҳти таъсири буҳрони шадиди иқтисодӣ ва шиддат гирифтани ихтилофоти иҷтимоӣ доираҳои ҳукмрони Афғонистонро маҷбур ба тағйир додани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ намуданд, ки натиҷаи муҳимми он истеъфои Муҳаммад Ҳошимхон дар соли 1946 ва ба мансаби сарвазир таъйин гардидани амаки дигари шоҳ - Шоҳмаҳмудхон гардид.

Хукумати Шоҳ Маҳмудхон бо мақсади паст кардани шиддати ихтилофоти дохилии ҷомеа маҷбур ба гузарониданиислоҳот ва ҷорӣ кардани озодиҳои демократӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ гардид. Қабули қонун дар бораи интихобот ба парламент барои пайдо шудани аҳзоб ва ҷараёнҳои зиёд мусоидат намуд. Дар соли 1947 дар Афғонистон ҳаракати «Вишзалмиён» («Ҷавонони бедор») – инъикоскунандаи манфиатҳои табақаи зиёиён ва буржуазияи миллӣ ба фаъолият оғоз намуда, барои ба саҳнаи ҳаёти сиёсии кишвар ворид гардидани нерӯҳои сиёсии мухолифи низоми ҳоким дар ибтидои солҳои 50-ум замина гузошт[3-М].

6. Шӯрои Миллии даъвати ҳафтум (1949-1951), ки дар таркиби 171 вакили он намояндагони зиёиёни кишвар, собиқ ходимони намоёни давлатӣ ва ашхоси машҳури сиёсӣ ва фарҳангии кишвар нақши калон мебозиданд, дар таърихи муосири Афғонистон намунаи равшани ташкил ва фаъолияти мустақилонаи мақоми қонунбарори кишвар гардид. Бори аввал Шӯрои Миллӣ дар иҷлосияҳои

худ масъалаҳои муҳимми ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, аз ҷумла масъалаҳои рушди иқтисодӣ, васеъ намудан ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои мухталифи саноат, дар ҳаёти дохилӣ бошад ба рушди озодиҳои демократӣ – иҷозати нашри рӯзномаҳои мустақил, ташкили созмонҳои ҷамъиятӣ ва сиёсиро баррасӣ намуда, ҳамчун мақоми мустақили қонунгузори давлат дар назди ҳукумат барои амалӣ намулани онҳо вазифа гузошт.

Дар баробари Шурои Миллӣ дар ҳаёти сиёсии Афғонистон аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёси ислоҳотпарвар ва тараққихоҳ «Вишзалмиён», ҳизбҳои «Ватан», «Халқ» ва созмонҳои ҷамъиятӣ, бахусус Иттиҳодияи донишҷӯёни Кобул барои ташаккул ёфтани низоми бисёрҳизбӣ, ки яке аз унсурҳои асосии ҷомеа ва низоми муосири давлатдорӣ маҳсуб меёбад, замина гузоштанд. Соли 1950 қонун дар бораи матбуоти озод қабул гардида, барои ташаккул ёфтани шабакаи васеи матбуоти озод мусоидат намуд ва дар натиҷа аҳзоб ва созмонҳои мухолиф имконияти ташкили органҳои нашриётӣ ва таблиғи ҳадафҳои сиёсии худро пайдо карданд[3-М].

7. Дастоварди муҳимми иқтисодии замони ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ гузариш ба усули нақшагирии рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва қабули нақшаҳои панҷсолаи тараққиёти кишвар ва таҳияи барномаҳои дурнамои рушди тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ буд. Амалӣ намудани сиёсати «иқтисоди роҳбаришаванда» асосан бо номи сарвазири кишвар Муҳаммад Довудхон (1953-1963) алоқаманд буд, имкон фароҳам сохт, ки натанҳо самтҳои рушди соҳаҳои ҷудогонаи иқтисоди кишвар муайян карда шаванд, балки сохтмони лоиҳаҳои бузурги саноатӣ ва кишоварзӣ, иншоотҳои зербунёдии иқтисодӣ амалӣ карда шуда, стратегияи умумии рушди иқтисод ва фаъолияти берунии иқтисодӣ-тиҷоратӣ муайян карда шавад.

Бар асоси сиёсати иқтисодии ҳукумати Муҳаммад Довуд тарҳҳои калони саноатӣ ва кишоварзӣ ба нақша гирифта амалӣ карда шуданд. Бо мақсади ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ дар амалӣ намудани ин лоиҳаҳои бузург ҳукумат муносибатҳои худро ҳам бо кишварҳои ғарбӣ ва ҳам бо ҷаҳони сотсиалистӣ бар асоси усули ҳамзистии осоишта ба роҳ монда, тавонист ҳаҷми калони сармояҳои хориҷиро ба даст биёрад. Дар натиҷа дар солҳои 50-60-ум сохтмони НОБ Нағлу, Шабакаи обёрии Ҷалолобод бо неругоҳи обии барқӣ, бандарҳои интиқоли борҳо дар дарёи Панҷ-Омӯ, Корхонаи таъмири автомобилҳои Ҷангалак дар Кобул, роҳи автомобилгарди Ҳайратон-Мазори Шариф-Бағлон-Кобул бо нақби Соланг, роҳи автомобилгарди Кушка-Ҳирот-Қандаҳор, майдони ҳавоии Кобул ва дигар шаҳрҳо, Корхонаи сохтмони хонаҳои Кобул, Корхонаи истеҳсоли орд дар Кобул, Корхонаи нуриҳои минералӣ дар Мазори Шариф ва ғ. оғоз ва ба охир расонида шуд, ки таҳкурсии иқтисоди замонавии Афғонистонро ташкил доданд[3-М].

8. Дастоварди давлати Афғонистон дар марҳилаи навсозии кишвар дар солҳои 50-ум эълони сиёсати бетарафи хориҷӣ, ширкати кишвар дар ҳаракати ба блокҳои низомӣ-сиёсӣ ҳамроҳнашавӣ, ба роҳ мондани ҳамкориҳои васеи иқтисодию техникӣ ба кишварҳои Ғарб ва паймони ситсиалистӣ буд. Ҷалби маблағи 1 млрд. доллари амрикоӣ аз ИМА ва ИҶШС имкон дод, ки зербинои

иқтисоди миллӣ барпо карда шуда, ҳаҷми истеҳсолот зиёд гардад, тиҷорати хориҷӣ афзоиш ёфта сатҳи некуаҳволии табақаҳои васеи аҳолӣ боло равад ва Афғонистон дар арсаи ҷаҳонӣ мавқеи худро устувор намояд.

Дар баробари дастовардҳо дар ин давраи тақдирсози кишвар ҳукумати Муҳаммад Довудхон ба хатогӣ ва камбудиҳои ҷиддӣ роҳ дод, ки бузургтарин иштибоҳи ҳукумат ин амалӣ намудани сиёсати шиддат гирифтани муносибатҳо бо давлати ҳамсоя – Покистон таҳти таъсири «масъалаи Паштунистон» буд, ки боиси бад шудани муносибат натанҳо бо ин кишвар, балки бо ҷаҳони Ғарб гардид. Дар натиҷа маблағҳои зиёд подоши сиёсати тавсеаталабона гардида, шиддат гирифтани муносибатҳо бо Покистон ду кишварро ба вартаи ҷанг наздик намуд ва сабаби истеъфои ҳукумати Муҳаммад Довудхон, коҳиш ёфтани раванди навсозӣ ва оғози марҳилаи тӯлонии буҳрон дар Афғонистон гардид[3-М].

9. Марҳилаи навбатии навсозии низоми давлатдорӣ ва ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар замони ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ дар солҳои 60-70-уми асри гузашта ба амал омад. Қабули Қонуни асосӣ 1 октябри соли 1964 барои рушди минбаъдаи низоми давлатдорӣ – тақсими ҳокимияти сегонаи давлатӣ, ташкили низоми бисёрҳизбӣ ва таъмини кафолати ҳуқуқии фаъолияти матбуоти озод мусоидат намуд. Маҳз барои ҳамин ин давраи рушди таърихи Афғонистон ҳамчун давраи «даҳаи Қонуни асосӣ» ёд мешавад[2-М].

## II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо

Таҳқиқи мавзӯъ ва таҳлили раванди навсозии иҷтимоӣ иқтисодии Афғонистон дар 40 соли подшоҳии Муҳаммад Зоҳиршоҳ имкон фароҳам овард, ки якчанд пешниҳод ва тавсияҳо пешниҳод гардад:

1.Таҷрибаи нокоми ислоҳоти васеи иҷтимоию иқтисодӣ дар давраи Амонуллохон бояд ҳаматарафа омӯхта шуда, омилҳои тезутунд гардидани вазъият мадди назар гирифта шавад.

2. Афғонистон дорои хусусият ва бофтҳои печидаи иҷтимоӣ, қавмию қабилавӣ ва сиёсию идеологӣ мебошад, ки омӯзиши ин печидагиҳо ва ҳангоми муайн ва амалӣ кардани сиёсати хориҷӣ ба назар гирифтани онҳо бисёр зарур аст.

3. Бояд ба назар гирифт, ки камбудии асосии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар давраи ҳукумати Амонуллохон аз он иборат буд, ки тақлид ва нусхабардории намунаҳои ғарбии навсозӣ ба ҳаёти воқеии ҷомеаи Афғонистон созгор ва ҷавобгӯ набуданд. Шитобкорӣ дар тағйир додани моҳияти арзишҳои анъанавӣ боиси сар задании норозигӣ ва баромадҳои зиддиҳукуматӣ гардида, ниҳоят сабабгори нокомии сиёсати навсозӣ ва ислоҳот шуданд.

4. Бешубҳа таҷрибаи амалӣ намудани сиёсати навсозӣ ва ислоҳот дар солҳои 1919 – 1929 бесамар набуд, агар наслҳои ояндаи Афғонистон ва кишварҳои ҳамсоя иштибоҳоти Амонуллохонро такрор намекарданд. Аммо таҷрибаи инқилоби соли 1978 ва дигаргуниҳои солҳои 1978-1992 нишон дод, ки он иштибоҳот ба ҳеҷ ваҷҳ барои давлатдорони нав дарси ибрат нашудаанд.

5.Ниҳоят таҷрибаи таҳия ва қабули Қонуни асосии соли 1964 ва навсозии иҷтимоию иқтисодӣ дар заминаи он таҷрибаи мусбат ва барои кишвари ҳамсояи Тоҷикистон, яъне Афғонистон аст. Аммо бо вуҷуди ин омилҳои дигаре боиси сарнагунии низоми шоҳии машрута гардид, ки қобили омӯзиш ва истифодаи ин таҷриба мебошад.

Оид ба мавзӯи рисола 6 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 1,7 ч. ч. ба нашр расидаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**


1. Баҳодуров, Б.Ф. Ислоҳоти ҳукумати Амонуллохон – марҳилаи аввали навсозӣ дар Афғонистон[Матн] [Б.Ф. Баҳодуров]//Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №9. – С.13-19.

2. Баҳодуров, Б.Ф. Искандаров Қ. Таҳия ва қабули Қонуни асосӣ дар соли 1964 ҳамчун заминаи навсозии ҳаёти иҷтимоии Афғонистон[Матн] [Қ.Искандаров, Б.Ф.Баҳодуров] //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №3. – С.44-49.

3. Баҳодуров, Б.Ф. Тамоилҳои умумии равандҳои навсозии ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар замони ҳукмронии Муҳаммад Зоҳиршоҳ[Матн] [Б.Ф.Бањодуров] //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2019. – №4. – С.57-62.


**Мақолаҳои илмие, ки дар нашрияҳои дигар чоп шудаанд:**


4. Баҳодуров, Б.Ф. Назари кишваршиносон роҷеъ ба ислоҳоти Афғонистон дар садаи XX [Матн] /Б.Ф. Баҳодуров //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Истифодаи маводи кишваршиносӣ ҳамчун воситаи ифтихори миллӣ ва ватандӯстӣ зимни таҳқиқ ва омӯзиши фанҳои таълимиии муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ», ДДБ ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар. – 2018. – 19-20 окт. – С.153-158.

5. Баҳодуров, Б.Ф. Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии Афғонистон дар солҳои 30-юм – аввали солҳои 40-ум [Матн] /Б.Ф.Баҳодуров //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мавзӯи «Нақши илмҳои дунявӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол», ДДБ ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар. – 2020. – 17 авг. – С.98-101.

6. Баҳодуров, Б.Ф. Таҳаввулоти иҷтимоӣ-сиёсии охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум дар Афғонистон [Матн] /Б.Ф. Баҳодуров //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ бахшида ба 75-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (с.1941-1945) дар мавзӯи «Нақши илмҳои дунявӣ дар рушди Тоҷикистони соҳибистиқлол», ДДБ ба номи Носири Хусрав, ш. Бохтар. – 2020. – 17 авг. – С.113-115.

На правах рукописи

УДК: 9(581)
ББК: 63.3(3)
Б-33

**БАХОДУРОВ БЕХРУЗ ФАЙЗУЛЛОЕВИЧ**

# ПРОБЛЕМЫ МОДЕРНИЗАЦИИ СОЦИАЛЬНО-ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ АФГАНИСТАНА В 1933-1973 гг.

Специальность: 07.00.03 – Всеобщая история

**АВТОРЕФЕРЕТ**
диссертации на соискание ученой
степени кандидата исторических наук

Бохтар – 2021

Диссертация выполнена на кафедре всеобщей истории Государственного образовательного учреждения «Бохтарский государственный университет имени Носира Хусрава»

**Научный руководитель:** **Искандаров Косимшо -** доктор исторических наук

**Официальные оппоненты:** **Латифов Джура Латифович -** доктор исторических наук, профессор кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан Таджикского национального университета
**Хаким Абдулло Рахнамо** – кандидат политических наук, заведующий отделением литератур но-иностранных связей Союза писателей Таджикистана

**Ведущая организация:** Государственное образовательное учреждения **«Худжандский государственный университет имени Бободжона Гафурова»**

Защита диссертации состоится «24» сентября 2021 года в $13^{00}$ часов на заседании Диссертационного совета 6D.KOA-030 по защите докторских и кандидатских диссертаций при Таджикском национальном университете по адресу: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17.

С диссертацией можно ознакомиться в научной библиотеке и на официальном сайте Таджикского национального университета (www.tnu.tj).

Автореферат разослан «____» ____________2021 г.

**Ученый секретарь**
**диссертационного совета,**
**кандидат политических наук, доцент** **Раджабов И.Ш.**

## ВВЕДЕНИЕ

**Актуальность темы исследования.** На протяжении всего XX и начала XXI вв. Афганистан пережил несколько этапов обновления и реализации коренных реформ во всех сферах политической, социально-экономической и культурной жизни, но несмотря на обширные политические и культурные возможности, большинство из них потерпели неудачу. В этот судьбоносный период Авганистан превратился в арену политического, военного и экономического противостояния соседних стран, регионов и великих держав мира. Под влиянием внутренних и внешних факторов, в стране произошли сложные по характеру и противоречивые процессы, послужившие причиной дольнейших вооруженных конфликтов, государственных переворотов и революций, долгой гражданской войны и этнических разногласие.

В нынешних условиях ускоренного развития интеграционных процессов и глобализации многие страны мира считают налаживание двустороннего и многостороннего сотрудничества определяющим фактором обеспечения социально-экономического, политического, научно-технического и культурного прогресса, исходя из этого в своей внутренней и внешней политике они избрали путь сближения и развития взаимовыгодного сотрудничества с соседними странами, регионом и миром.

Трагические события последних четырех десятилетий –долгая гражданская война, ввод военного контингента Советского Союза, установление нестабильных военно-политических систем и их крушение, превращение Афганистана в арену деятельности экстремистских и террористических организаций, ввод в страну военных сил Международной антитеррористической коалиции под руководством США, обострение военно-политической обстановки привели к падению национальной экономики, ослаблению экономических структур общества, огромному материальному и моральному ущербу.Многочисленными жертвами войны стали мирные граждане, миллионы граждан Афганистана были вынуждены мигрировать в соседние страны и другие государства.

Такая кризисная ситуация сохраняется в условиях, когда человеческое общество вступило в постиндустриальный этап своего развития, направляя все возможности и достижения современных технологий, материальные и духовные ресурсы на устранение негативных последствий процесса глобализации и обеспечение высокого уровня жизни населения. Сможет ли Афганистан выйти из продолжительного кризисного этапа, получится ли у пострадавшего от братоубийственной войны народа, восстановить взаимопонимание, конструктивный и созидательный диалог и наконец, гармонизировать свои отношения с процессами современного мира?

Трудности современного Афганистана связаны не только с внутренними проблемами, но также охватывают широкий международный аспект, поскольку восстановление мира и стабильности в Афганистане во многом зависит от безопасности и стабильности региона и мира. Завершение войны и соглашение мира могут создать предпосылки не только для развития экономики страны, но и развития торгово-экономических связей по всему миру, осуществления крупных транспортных, энергетических и инфраструктурных проектов региональной экономики.

